# Фонди Қарзии Хурд “ИМОН”

## Ҳисоботи молиявӣ
## ва Ҳисоботи аудитори мустақил
## барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфт

# МУНДАРИҶА

| | Саҳ. |
|---|---|
| Тасдиқнома оиди масъулияти Роҳбарият | 3 |
| Ҳисоботи аудитори мустақил | 4 |
| Ҳисобот доир ба ҳолати молиявӣ | 8 |
| Ҳисобот доир ба фоида ва зарар ва дигар даромадҳои маҷмуӣ | 9 |
| Ҳисобот доир ба тағйироти сармояи худӣ | 10 |
| Ҳисобот доир ба гардиши воситаҳои пулӣ | 11 |
| Эзоҳ ба ҳисоботи молиявӣ | 13 |

Ҳисоботи молиявӣ бо асъори миллӣ - бо ченаки ҳазор сомонӣ дарҷ ёфтааст.

# ТАСДИҚНОМАИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАЙЁР НАМУДАН ВА ТАСДИҚ КАРДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020 АНҶОМ ЁФТААСТ

Роҳбарият барои бурдани баҳисобгирии муҳосиботӣ ва тайёр намудани ҳисоботи молиявӣ, ки ба таври дуруст натиҷаи фаъолияти Фонди Қарзии Хурд «Имон» (минбаъд «Фонд»)-ро барои соле, ки 31 декабри соли 2020 ба охир расидааст, инъикос менамояд, масъулиятро ба ӯҳда мегирад.

Ҳисоботи молиявии мазкур мутобиқи Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) омода карда шудааст ва ҳатман маблағҳоеро дохил менамояд, ки ба муҳокимаҳо ва баҳогузориҳо асос ёфтаанд.

Ҳангоми омода намудани ҳисоботи молиявӣ, роҳбарият масъулияти зеринро ба ӯҳда мегирад:

- таъмини интихоби дурусти меъёрҳои сиёсати баҳисобгирӣ;
- пешниҳоди маълумот, аз он ҷумла маълумот дар бораи сиёсати баҳисобгирӣ дар шакле, ки муносиб, дуруст, муқоисанамо ва фаҳмо будани чунин маълумотро таъмин менамояд;
- баҳогузории қобилияти Фонд оид ба давом додани фаъолият дарояндаи мушоҳидашаванда.

Роҳбарият инчунин масъулияти зеринро ба ӯҳда мегирад:

- таҳия, ҷорӣ ва нигоҳдории низоми самаранок ва боэътимоди назорати дохилӣ дар тамоми Фонд;
- бурдани баҳисобгирӣ дар шакле, ки имконияти ошкорнамоӣ ва муттаҳиднамоии аҳдҳои Фондро медиҳад, инчунин ба санаи дилхоҳ маълумоти дорои ҳисоботи молиявии ба таври қонеъкунанда дурустро пешниҳод менамояд ва мутобиқати ҳисоботи молиявиро ба талаботи СБҲМ таъмин менамояд;
- бурдани баҳисобгирии муҳосиботӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СБҲМ;
- қабули чораҳои оқилона оид ба таъмини амнияти дороиҳои Фонд;
- ошкорнамоӣ ва пешгирӣ намудани далелҳои суистифодаи молиявӣ ва дигар суистифодаҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст, аз ҷониби Роҳбарияти Фонд дар таърихи 23 апрели соли 2021 тасдиқ карда шудааст.

Аз номи Роҳбарият:

| | |
|---|---|
| Пулотова М.Т. | Махкамов М.М. |
| Директор | Сармуҳосиб |

RSM Tajikistan

Business-center "SOZIDANIE"
Ayni str. 48, 4 fl.
Dushanbe
734024
Republic of Tajikistan
T +992 (44) 6006370
rsm.tj

ООО "РСМ ТОҶИКИСТОН"
Исх. № 12/21
«23» 04 2021г.

# ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

**Ба Шӯрои Сарпарастон ва Роҳбарияти Фонди Қарзии Хурд «ИМОН»:**

***Ақида***

Мо аудити ҳисоботи молиявии замимашудаи Фонди Қарзии Хурди «ИМОН» (минбаъд «Фонд»)-ро гузаронидем, ки он аз Ҳисобот оид ба вазъи молиявии Фонд ба ҳолати 31 декабри соли 2020, Ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва дигар даромадҳои маҷмӯӣ, Ҳисобот оид ба тағйирот дар сармоя ва Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ барои соле, ки дар санаи нишондодашуда ба охир мерасад, инчунин, тавзеҳот ба ҳисоботи молиявӣ, аз он ҷумла, шарҳи мухтасари муқаррароти асосии сиёсати баҳисобгирӣ иборат аст.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявии замимашуда вазъияти молиявии Фондро ба ҳолати 31 декабри соли 2020 бо тамоми дараҷаҳои муҳим, инчунин, натиҷаҳои молиявии он ва гардиши воситаҳои пулӣ барои як сол, ки дар санаи нишондодашуда ба охир расидааст, мутобиқи Стандартҳои Байналмилалии Ҳисоботи Молиявӣ (минбаъд «СБҲМ») ба таври саҳеҳ инъикос менамояд.

***Асос барои ифодаи ақида***

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит (минбаъд «СБА») гузаронидем. Ӯҳдадории мо мутобиқи стандартҳои мазкур поёнтар, дар фасли «Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ»-и хулосаи аудитории мо тасвир карда шудааст. Мо нисбат ба Фонд мутобиқи талаботи этикии барои аудити ҳисоботи молиявӣ татбиқшаванда мустақил мебошем ва мо ӯҳдадориҳои дигари этикии худро мутобиқи талаботҳои мазкур иҷро намудем. Мо мешуморем, ки далелҳои аудитории аз тарафи мо ба даст овардашуда, ҳамчун асос барои ифодаи ақидаи мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд.

***Масъалаҳои асосии аудит***

Масъалаҳои асосии аудит – ин масъалаҳое мебошанд, ки онҳо мутобиқи ақидаи касбии мо барои аудити ҳисоботи молиявӣ барои соли ҷорӣ муҳимтар буданд. Ин масъалаҳо дар матни ҳисоботи молиявии мо дар маҷмӯъ ва ҳангоми ташаккулёбии ақидаи мо дар бораи ин ҳисобот баррасӣ гардида буд ва мо ақидаи алоҳидаро вобаста ба масъалаҳои мазкур изҳор наменамоем.

*Дастурамали беқурбшавии сандуқи қарзӣ мувофиқи СБҲМ 9 «Воситаҳои молиявӣ»*

Дар соли 2019 Фонд дастурамал ва намунаи тағйир додани баҳисобгирии воситаҳои молиявии худро мутобиқи СБҲМ 9 "Воситаҳои молиявӣ" коркард намуд. Дастурамал ва намунаи таҳияшуда ба Сиёсати



RSM Tajikistan is a member of the RSM network and trades as RSM. RSM is the trading name used by the members of the RSM network. Each member of the RSM network is an independent accounting and consulting firm each of which practices in its own right. The RSM network is not itself a separate legal entity of any description in any jurisdiction.

бахисобгирии Фонд дар соли 2019 ворид карда шуд. Барои тахияи ҳисоботи молиявӣ барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст, Фонд ин дастурамал ва намунаи таҳияшударо истифода бурдааст. Эзоҳи 16 маълумоти муфассалро оид ба қарзҳои мавҷудбуда, мутобиқи СБҲМ 9 бо назардошти захира тахти беқурбшавӣ, инъикос медиҳад.

Роҳбарияти Фонд захираҳоро нисбати воситаҳои молиявӣ, бо дарназардошти шартҳои шартномаҳои басташуда, баҳогузории вазъи молиявии мизоҷон, инчунин пешгӯии воридоти минбаъдаи воситаҳои пулӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои дар санаи ҳисоботӣ мавҷудбуда, ташаккул медиҳад.

Аз тарафи мо расмиёт барои таснифи карзҳо аз рӯи гурӯҳи хавфҳо гузаронида шуд, низоми назорати дохилӣ баҳогузорӣ карда шуд, қарзҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар асоси интихобӣ, бо дарназардошти ҳисоби захираҳо, санҷида шуданд. Мо таҳлил гузаронидем ва усулҳои асосии мушаххаснамоӣ ва таснифи қарзҳоро аз рӯи гурӯҳи хавфҳо ва навъҳои мавҷуда барои ҳисоби захираҳо аз рӯи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ва мутобиқати онҳо ба талаботи СБҲМ гузаронидем.

***Вазъияти муҳим***

*Амалҳои ҳуқуқӣ*

Мо диққатро ба Эзоҳи 23 оид ба ҳисоботи молиявӣ ҷалб менамоем, ки алоқамандии номуайян бо натиҷаҳои даъвоҳои зидди Фондро тавсиф мекунад. Эзоҳи зерин амалҳои ҳуқуқии ба манфиати Фонд пешниҳодшударо тасвир мекунад; ба Фонд ягон даъво пешниҳод карда нашудааст.

Мо оид ба ин масъала ақидаи тағйирёбанда баён намекунем.

*Сармоягузорӣ барои фурӯш*

Мо ба Эзоҳи 17 оид ба ҳисоботи молиявӣ таваҷҷӯҳ зоҳир менамоем, ки он далелро нишон медиҳад, ки Фонд моҳи марти соли 2021 саҳмияҳои ТАҶХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ»-ро ба Фонди секюритизатсионии «ALTERNATIVE», ки аз ҷониби Mikro Kapital Management S.A. ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд идора карда мешавад, фурӯхтааст.

***Маълумотҳои дигар***

*Бефосилагии фаъолият*

Ҳисоботи молиявии Фонд бо истифода аз меъёри бефосилагии фаъолият таҳия карда шудааст. Истифодаи чаҳорчӯбаи мазкури баҳисобгирии муҳосибӣ дар он ҳолат мақсаднок мебошад, агар Роҳбарият Фондро барҳам диҳад ё фаъолияташро қатъ кунад ё роҳи воқеие ғайр аз иҷрои он дошта бошад. Дар рафти гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ, мо ба хулоса омадем, ки истифодаи меъёри бефосилагии фаъолият аз ҷониби Роҳбарият дар баҳисобгирии муҳосибӣ ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявии Фонд мувофиқи мақсад аст. Роҳбарият номуайянии назаррасро муайян накардааст, ки метавонад ба қобилияти Фонд дар давом додани фаъолияти бефосила шубҳаовар эҷод кунад ва, бинобар ин, ягон маълумоти зерин дар ҳисоботи молиявӣ ифшо намешавад.

Дар рафти гузаронидани аудити ҳисоботи молиявӣ, мо ба таъсири сирояти пандемияи коронавирус COVID-19 ба вазъи иқтисодии минтақа ва кам шудани гардиши воситаҳои пулӣ вобаста ба ин бемории сироятӣ диққат медиҳем. Мо вобаста ба ин масъала андешаеро изҳор намекунем.

***Масъулияти Роҳбарият ва шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ва барои ҳисоботи молиявӣ ҷавобгӯ ҳастанд***

Роҳбарият барои омоданамоӣ ва ба таври саҳеҳ пешниҳод намудани ҳисоботи молиявии зикргардида мутобиқи СБҲМ ва барои низоми назорати дохилӣ, ки онро Роҳбарият барои омоданамоии ҳисоботи молиявӣ зарур мешуморад, ки он таҳрифҳои ҷиддиро дар натиҷаи амалҳои бевиҷдонона ва ё хатогиҳо дар бар надорад, масъул мебошад.

Ҳангоми омоданамоии ҳисоботи молиявӣ, Роҳбарият барои баҳогузорӣ намудани қобилияти Фонд оид ба давом додани фаъолияти бефосилаи худ, барои ошкор намудани маълумот дар ҳолатҳои дахлдор, ки ба бефосилагӣ тааллуқ дорад ва барои тартиб додани ҳисобот дар асоси иҷозат оид ба фаъолияти бефосила масъул мебошад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки Роҳбарият нияти барҳамдиҳии Фонд, қатъ намудани фаъолияти онро дошта бошад, ва ё вақте ки роҳи дигари воқеиро ғайр аз барҳамдиҳӣ ва ё қатънамоии фаъолият надошта бошад.

Шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, масъулиятро барои назорати омоданамоии ҳисоботи молиявии Фонд ба ӯҳда мегиранд.

***Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ***

Мақсади мо аз бадастоварии кафолати кофӣ дар бораи он, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифҳои амалиро дар натиҷаи амали бевиҷдонона ва ё хатогиҳо надорад ва барориши хулосаи аудиторӣ, ки ақидаҳои моро дар бар мегирад, иборат мебошад.

Боварии оқилона маънои сатҳи баланди боввариро дорад, вале кафолати он, ки аудити гузаронидашуда мутобиқи СБА метавонад ҳамеша таҳрифҳои мавҷударо ошкор намояд, ба ҳисоб намеравад. Таҳрифҳо метавонанд натиҷаи амали бевиҷдонона ва ё хатогӣ бошанд ва ҳамон вақт ҷиддӣ ба ҳисоб мераванд, агар ба таври асоснок тахмин намудан мумкин бошад, ки онҳо ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар маҷмӯъ метавонанд ба қарори иқтисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳисоботи молиявии мазкур қабул карда мешаванд, таъсир расонанд.

Дар доираи аудит, ки мутобиқи СБА гузаронида мешавад, мо ақидаҳои касбиро истифода мебарем ва нобоварии касбиро (профессиональный скептицизм) дар тамоми мӯҳлати санҷиши аудиторӣ нигоҳ медорем. Ғайр аз ин, мо корҳои зеринро иҷро менамоем:

- хатарҳои таҳрифи ҷиддии ҳисоботи молиявиро дар натиҷаи амалҳои бевиҷдонона ва ё хатогиҳо ошкор ва баҳогузорӣ менамоем;

- расмиёти аудиториро ба сифати ҷавоб ба ин хатарҳо коркард намуда, мегузаронем; далелҳои аудиториро, ки ҳамчун асос барои ифода намудани ақидаҳои мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд, ба даст меорем. Хатари ошкор накардани таҳрифи ҷиддии дар натиҷаи амали бевиҷдонона ба вуҷудомада, назар ба хатари ошкор кардани таҳрифи ҷиддии дар натиҷаи хатогӣ ба вуҷудомада баландтар мебошад, зеро амалҳои бевиҷдонона метавонанд забоняккунӣ, сохтакорӣ, иҷозати қалбакӣ, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ва ё амалҳои берун аз низоми назорати дохилиро дар бар гирад;

- фаҳмиши низоми назорати дохилиро, ки барои аудит аҳамият дорад, бо мақсади коркарди расмиёти аудиторӣ, ки ба вазъият мутобиқат менамояд, вале на ба мақсади ифода намудани ақида оид ба самаранокии низоми назорати дохилии Фонд, ба даст меорем;

- хусусияти дахлдори сиёсати баҳисобгирӣ ва асоснокии баҳогузории муҳосиботӣ ва ошкорнамоии дахлдори маълумоти аз тарафи Роҳбарият омодашударо баҳогузорӣ менамоем;

- дар бораи қонунӣ будани татбиқи иҷозат дар бораи фаъолияти бефосила аз тарафи Роҳбарият хулоса мебарорем, дар асоси далелҳои аудитории бадастовардашуда дар бораи он ки оё номуайянии ҷиддӣ вобаста ба ҳодисаҳо ва ё шароитҳо, ки дар натиҷаи онҳо метавонад шубҳаи ҷиддӣ дар қобилияти Фонд оид ба давом додани фаъолияти бефосила ба вуҷуд ояд, вуҷуд дорад ё не, хулоса мебарорем. Агар мо вобаста ба мавҷуд будани номуайянии ҷиддӣ ба хулоса оем, пас мо бояд диққати махсусро дар хулосаи аудитории худ вобаста ба ошкорнамоии маълумоти дахлдор дар ҳисоботи молиявӣ ҷалб намоем ва агар чунин ошкорнамоии маълумот номутобиқ бошад, пас мо бояд ақидаи худро такмил диҳем. Хулосаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ, ки то санаи хулосаи аудитории мо ба даст оварда шудааст, асос ёфтааст. Вале ҳодисаҳои оянда ва ё шароитҳо метавонанд ба он оварда расонанд, ки Фонд қобилияти давом додани фаъолияти бефосилаи худро гум менамояд;

- баҳогузории пешниҳоди ҳисоботи молиявиро дар маҷмӯъ, сохтор ва таркиби он, аз он ҷумла ошкорнамоии маълумот, инчунин ин, ки оё ҳисоботи молиявӣ амалиёт ва ҳодисаҳои дар асоси он мавҷудбударо чунон пешниҳод карда метавонад, ки пешниҳоди саҳеҳи он таъмин карда шавад, мегузаронем.

Мо ҳамкории мутақобилаи иттилоотиро бо шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, амалӣ намуда, ба маълумоти онҳо, ғайр аз ҳама чизҳои дигар, маълумотро дар бораи ҳаҷм ва мӯҳлати аудити ба нақша гирифташуда, инчунин дар бораи мулоҳизаҳои ҷиддӣ оид ба натиҷаи

аудит, аз он ҷумла, камбудиҳои ҷиддии низоми назорати дохилӣ, ки мо дар ҷараёни аудит ошкор менамоем, мерасонем.

Мо инчунин ба шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, аризаро дар бораи он ки мо тамоми талаботи одобро нисбат ба мустақилият риоя намудаем ва ин шахсонро дар бораи тамоми робитаҳои мутақобила ва дигар масъалаҳое, ки онҳоро ба таври асоснок ҳамчун таъсиррасанда ба мустақилияти аудитор ҳисобидан мумкин аст, дар ҳолатҳои зарурӣ дар бораи чораҳои зарурии бехатарӣ, пешниҳод менамоем.

Аз он масъалаҳое, ки мо ба маълумоти шахсоне расонидем, ки барои идоракунии корпоративӣ масъуланд, мо масъалаҳоеро муайян менамоем, ки онҳо бештар барои аудити ҳисоботи молиявӣ барои давраи ҷорӣ муҳимтар мебошанд ва, мутобиқан, масъалаҳои асосии аудит ба ҳисоб меравaнд. Мо ин масъалаҳоро дар хулосаи аудитории худ тасвир менамоем, ба истиснои ҳолатҳое, ки ошкорнамоии ҷамъиятии маълумот аз тарафи қонун ва ё санади меъёрӣ манъ карда шудааст ва ё дар ҳолатҳои истисноӣ мо ба хулоса меоем, ки маълумот дар бораи ягон масъала набояд дар хулосаи мо инъикос гардад, зеро ба таври асоснок тахмин намудан мумкин аст, ки натиҷаи манфии хабар додани чунин маълумот аз фоидаи ҷамъиятии хабар додани он боло меистад.

Роҳбари аудит, ки аз рӯи натиҷаҳои он хулосаи аудитории аудитори мустақил таҳия карда шудааст, Баратов Мафтунҷон мебошанд.

Баҳрулло Муллоев

Роҳбари Идоракунанда
ҶДММ «РСМ Тоҷикистон»
Иҷозатномаи Бонки миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
БМТ №0000134 аз 29.12.2020 с.

Мафтунҷон Баратов

Ҳамроҳбар оид ба аудит

Шаҳодатномаи мутахассиси
аудити бонк
БМТ № 0000057 аз 30.12.2015 с.

23 апрели соли 2021.

# ҲИСОБОТ ОИД БА ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

| Ба ҳисоби ҳазор сомони | Эзоҳ | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст** | Барои соле, ки 31 декабри соли 2019 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 14 | **9** | - |
| Маблағҳое, ки аз дигар ташкилотҳои молиявӣ гирифта шудаанд | 15 | **195** | 4,090 |
| Қарзҳо ва авансҳо ба мизоҷон | 16 | **18,797** | 20,737 |
| Сармоягузориҳои барои фурӯш мавҷудбуда | 17 | **91,712** | 87,182 |
| Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 18 | **8,891** | 7,499 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошта | 13 | **141** | 202 |
| Саҳм дар бонкдории исломӣ | 19 | **4,000** | - |
| Дигар дороиҳо | 20 | **696** | 543 |
| **ҲАМАГӢ ДОРОИҲО** | | **124,441** | 120,253 |
| **ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| **Ӯҳдадориҳо** | | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | | **69** | 73 |
| **ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО** | | **69** | 73 |
| **Сармоя** | | | |
| Захираи умумӣ | 21 | **48,210** | 48,210 |
| Фоидаи ҷамъшуда | | **76,162** | 71,970 |
| **ҲАМАГӢ САРМОЯ** | | **124,372** | 120,180 |
| **ҲАМАГӢ ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | **124,441** | 120,253 |

Ҳисоботи молиявӣ дар саҳифаҳои аз 8 то 12 дар санаи 23 апрели соли 2021 аз ҷониби Роҳбарият ба имзо расидааст.

Эзоҳҳои замимашуда аз саҳифаҳои 13 то 50 қисми таркибии ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб меравconfiguration.

Пулотова М.Т.
Директор

Махкамов М.М.
Сармуҳосиб

# ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА ВА ЗАРАР ВА ДИГАР ДАРОМАДҲОИ МАҶМӮӢ

| Ба ҳисоби ҳазор сомони | Эзоҳ | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст** | Барои соле, ки 31 декабри соли 2019 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **АМАЛИЁТҲОИ ДАВОМДОР** | | | |
| Даромадҳои фоизӣ | 8 | **3,688** | 3,909 |
| **ДАРОМАДИ ФОИЗИИ СОФ ПЕШ АЗ ҲИСОБИДАНИ ЗАХИРА БАРОИ ТАЛАФОТ АЗ БЕҚУРБШАВИИ ДОРОИҲОИ ФОИЗӢ** | | **3,688** | 3,909 |
| Ташаккулёбии захира барои талафоти қарзии эҳтимолӣ оид ба дороиҳои фоизӣ | | **(387)** | (494) |
| **ДАРОМАДИ ФОИЗИИ СОФ** | | **3,301** | 3,415 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 9 | **(37)** | (100) |
| (Ташаккулёбӣ)/камшавии захира таҳти беқурбшавии талафоти қарзҳои эҳтимолии дороиҳои дигар | | **74** | 1,171 |
| Даромади соф аз руи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 10 | **225** | 105 |
| Дигар даромадҳои соф | 11 | **256** | 172 |
| **ДАРОМАДИ СОФИ ҒАЙРИФОИЗӢ** | | **518** | 1,348 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 12 | **(4,026)** | (3,497) |
| **ДАРОМАД ПЕШ АЗ АНДОЗ АЗ ФОИДА** | | **(207)** | 1,266 |
| Хароҷотҳои андоз аз фоида | 13 | **(131)** | (545) |
| **ДАРОМАДИ СОЛОНА АЗ АМАЛИЁТҲОИ ДАВОМДОР** | | **(338)** | 721 |
| **АМАЛИЁТҲОИ ҚАТЪШУДА** | | | |
| Даромади сармоягузорӣ аз ширкати шарикӣ | 17 | **4,530** | 11,137 |
| **ДАРОМАДИ СОЛОНА АЗ АМАЛИЁТҲОИ ҚАТЪШУДА** | | **4,192** | 11,858 |
| Дигар даромади умумӣ | | **-** | - |
| **ҲАМАГӢ ДАРОМАДИ УМУМӢ** | | **4,192** | 11,858 |

Ҳисоботи молиявӣ дар саҳифаҳои аз 8 то 12 дар санаи 23 апрели соли 2021 аз ҷониби Роҳбарият ба имзо расидааст.

Эзоҳҳои замимашуда аз саҳифаҳои 13 то 50 қисми таркибии ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб меравад.

"ИМОН"

Пулотова М.Т.
Директор

Махкамов М.М.
Сармуҳосиб

# ҲИСОБОТ ОИД БА ТАҒЙИРОТ ДАР САРМОЯ

| Ба ҳисоби ҳазор сомони | Захираи умумӣ | Фоидаи ҷамъшуда | Ҳамагӣ сармоя |
|---|---|---|---|
| Бақия дар санаи 31 декабри 2017 с. | 46,395 | 60,818 | 107,213 |
| Таъсир аз истифодаи СБҲМ 9 | - | (567) | (567) |
| Бақия дар санаи 01 январи 2018 с. | 46,395 | 60,251 | 106,646 |
| Тағйироти захираи умумӣ | 1,815 | (1,815) | - |
| Даромади солона | - | 1,676 | 1,676 |
| Бақия дар санаи 31 декабри 2018 с. | 48,210 | 60,112 | 108,322 |
| Даромади солона | - | 11,858 | 11,858 |
| Бақия дар санаи 31 декабри 2019 с. | 48,210 | 71,970 | 120,180 |
| Даромади солона | - | **4,192** | **4,192** |
| **Бақия дар санаи 31 декабри 2020 с.** | **48,210** | **76,162** | **124,372** |

Ҳисоботи молиявӣ дар саҳифаҳои аз 8 то 12 дар санаи 23 апрели соли 2021 аз ҷониби Роҳбарият ба имзо расидааст.

Эзоҳҳои замимашуда аз саҳифаҳои 13 то 50 қисми таркибии ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб меравад.

Пулотова М.Т.
Директор

Махкамов М.М.
Сармуҳосиб

# ҲИСОБОТ ОИД БА ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ

| Ба ҳисоби ҳазор сомони | **Барои соле, ки 31 декабри соли 2020 анҷом ёфтааст** | Барои соле, ки 31 декабри соли 2019 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|
| **Воситаҳои пулӣ аз амалиёти бонкӣ** | | |
| Фоида то хароҷоти андозбандӣ | **4,323** | 12,403 |
| ***Тасҳеҳот оиди:*** | | |
| Тағйирёбии талафоти эҳтимолии қарзии дороиҳои фоизӣ | **1,095** | 494 |
| Даромад аз амалиётҳои қатъшуда | **(4,530)** | (11,137) |
| Истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | **558** | 350 |
| Тағйирёбии захираи рухсатии истифоданашуда | **3** | (2) |
| Зарарҳои азҳисоббарории воситаҳои асосӣ | **-** | 11 |
| Тағирёбии талафоти эҳтимолии қарзӣ аз ҳисобҳо дар бонкҳо | **74** | 1,058 |
| Тағирёбии захира таҳти беқурбшавӣ аз дороиҳои дигар | **-** | 150 |
| Тағирёбии захира таҳти беқурбшавӣ аз ҳисобҳо барои пардохт | **-** | 37 |
| Фарқияти қурбӣ аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | **(225)** | (101) |
| Даромади софи фоизӣ | **(3,688)** | (3,909) |
| **Хуруҷи пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ пеш аз тағйирёбии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ** | **(2,390)** | (646) |
| *Тағйирот дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ:* | | |
| Камшавӣ/(зиёдшавӣ)-и воситаҳо дар дигар бонкҳо | **3,895** | 2,536 |
| Камшавӣ/(зиёдшавӣ)-и қарзҳо ба мизоҷон | **1,940** | (3,616) |
| Камшавӣ/(зиёдшавӣ)-и дигар дороиҳо | **153** | 263 |
| Камшавӣ/(зиёдшавӣ)-и саҳмҳо дар бонкдории исломӣ | **(4,000)** | - |
| Камшавӣ/(зиёдшавӣ)-и ӯҳдадориҳои дигар | **(4)** | (40) |
| **Даромади /(хароҷоти) софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ** | **(406)** | (1,503) |
| Фоизҳои бадастовардашуда | **2,483** | 1,842 |
| Фоизҳои пардохтшуда | **(198)** | (164) |
| **Даромади /(хароҷоти) софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **1,879** | 175 |
| **Воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | **(1,964)** | (2,659) |
| **Даромад/(хароҷоти) софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **(1,964)** | (2,659) |
| **(Камшавӣ) / афзоиши софи воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо** | **(85)** | (2,484) |
| Таъсири фарқияти қурби асъори хориҷӣ ба воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | **-** | 6 |
| **Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо дар аввали сол** | **289** | 2,767 |
| **Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо дар охири сол (Эзоҳи 8)** | **204** | 289 |

Ҳисоботи молиявӣ дар саҳифаҳои аз 8 то 12 дар санаи 23 апрели соли 2021 аз ҷониби Роҳбарият ба имзо расидааст.

Эзоҳҳои замимашуда аз саҳифаҳои 13 то 50 қисми таркибии ҳисоботи молиявии мазкур ба ҳисоб меравнд.

| | |
|---|---|
| Пулотова М.Т. | Махкамов М.М. |
| Директор | Сармуҳосиб |

# Эзоҳҳо оид ба ҳисоботи молиявӣ

## 1) ФАЪОЛИЯТИ АСОСӢ

Фонди қарзии хурд "ИМОН" (минбаъд "Фонд") дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1999 амал мекунад. Фаъолияти Фондро Бонки Миллии Тоҷикистон (минбаъд БМТ) ба танзим медарорад. Фонд аз ҷониби Ассотсиатсияи Миллии Занони Соҳибкори Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти Байналмилалии «Mercy Corps» ҳамчун барномаи ғайритиҷоратии «Қарздиҳии хурд дар Тоҷикистон» таъсис дода шудааст, ки бори аввал дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон усулҳои байналмилалӣ татбиқ карда шуданд. Фаъолияти Барнома аз ҷониби Ассотсиатсияи Миллии Занони Соҳибкори Тоҷикистон ва Ташкилоти Байналмилалии «Mercy Corps» то соли 2004 бо сабаби набудани меъёрҳои зарурии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешуд. Соли 2004, вақте ки қонуни нав "Дар бораи маблағгузории хурд дар Тоҷикистон" мавриди амал қарор гирифт, Роҳбарияти барнома дар бораи таъсиси Фонди қарзии хурд "ИМОН" Қарор қабул кард. Фонди қарзии хурд дар давраи маблағгузории хурд аз соли 2005 то 25 июли соли 2008, вақте ки Ташкилоти қарзии хурди «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» таъсис ёфт, фаъол буд ва тамоми дороиҳо ва маблағҳои Фонд ба он интиқол дода шуданд.

Фонди қарзии хурд "ИМОН" дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 23 июли соли 2012 таҳти рақами №5110002526 ба қайд гирифта шудааст. Иҷозатномаи Бонки Миллии Тоҷикистон дар санаи 14 декабри соли 2012 гирифта шудааст.

Мақсади асосии Фонди қарзии хурд айни замон пешниҳоди манзил ва қарзҳои лизингӣ мебошад.

***Суроғаи ба қайд гирифташуда ва ҷои амали фаъолияти корӣ***
Идораи марказии Фонд ба қайд гирифта шудааст ва дар суроғаи зерин ҷойгир аст: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, мкр. 19, бинои 55. Фонд дорои 2 МХБ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар санаи 31 декабри соли 2020 ва 2019 сохтори Муассисони Фонд чунин буд:

1. Ташкилоти байналмилалии “Mercy Corps”, воқеъ дар суроғаи: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Маъсумӣ 21, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 ба қайд гирифта шудааст, Шаҳодатномаи № 888А аз 1 ноябри соли 2012.

2. Ассотсиатсияи Миллии Занони Соҳибкори Тоҷикистон, воқеъ дар суроғаи: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи Фирдавсӣ 123-3, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007 ба қайд гирифта шудааст, Шаҳодатномаи № 497 «А» аз 25 декабри соли 2007.

***Асъори ҳисобот***
Асъори амалии Фонд асъори муҳити аввалияи иқтисодӣ мебошад, ки дар он Фонд фаъолият мекунад. Асъори амалкунанда ва ҳисоботии Фонд пули миллии Тоҷикистон - сомонӣ (минбаъд «сомонӣ») мебошад, ки мазмуни иқтисодӣ, рӯйдодҳо ва ҳолатҳои асосии фаъолияти Фондро инъикос мекунад.
Ҳисоботи молиявӣ бо пули миллии Тоҷикистон - сомонӣ пешниҳод карда мешавад, ва наметавонад берун аз ҳудуди он табодул (конвертатсия) дода шавад. Ҳама рақамҳо бо ҳазорҳо сомонӣ нишон дода шудаанд, агар тартиби дигар нишон дода нашуда бошад.

## 2) ШАРТҲОИ АМАЛИСОЗИИ ТИҶОРАТ ДАР ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Точикистон - давлати дорои иқтидори бузург, дар навбати аввал аз ҳисоби захираҳои мавҷудаи табиӣ бой мебошад. Дар ҷумҳурӣ конҳои ангишт, тилло, нуқра, руҳ ва сурб, металлҳои камёб ва маъданҳои маҷмӯӣ, уран, металлҳои қимматбаҳо, намак, оҳак ва

ғайра мавҷуд аст. Соҳаи муҳимтарин дар ҷумҳурӣ пахтакорӣ, истеҳсоли алюминий ва энергетикаи обӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дорои иқтисодиёти рушдёфтаистода мебошад. Дар солҳои охир дар ҷумҳурӣ тағйиротҳои ҷиддии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар самти беҳтаршавии муҳити амалиётӣ рух дода истодаанд.

Манбаи меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли пештара такмил ёфта истодааст. Ояндаи самти рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар бо чораҳои қабулнамудаи сиёсати андозӣ, иқтисодӣ ва пулӣ-қарзии давлат, инчунин тағйирёбии манбаи меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

Ҳисоботи молиявии мазкур ба худ ягон тасҳеҳе, ки барои дар натиҷаи танзимнамоии чунин номуайяниҳо дар оянда зарур бошад, дар бар намегирад. Тасҳеҳи эҳтимолӣ метавонад ҳамон вақт ба ҳисобот ворид карда шавад, агар зарурати инъикоснамоии он айён шавад ва баҳогузорӣ намудани мафҳуми шуморавии он имконпазир гардад.

## 3) ҚИСМАТҲОИ АСОСИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

### 3.1 СТАНДАРТҲОИ ИСТИФОДАШУДА

Ҳисоботдиҳии молиявии Фонд мувофиқи стандартҳои байналмилалии молиявии ҳисоботдиҳӣ (минбаъд «СБМҲ» (МСФО)) омода гардидааст, ки аз ҷониби Шӯро доир ба Стандартҳои байналмилалии молиявии ҳисоботдиҳӣ (минбаъд «ШСБМҲ» (СМСФО)) тасдиқ ва нашр гардидааст, ҳамчунин бо шарҳҳое, ки аз тарафи Кумитаи шарҳдиҳии байналмилалии ҳисоботдиҳии молиявӣ (минбаъд «КШБҲМ» (КИМФО) тасдиқ гардидааст, мувофиқа шудааст.

### 3.2 ПРИНСИПҲОИ АРЗЁБӢ

Ҳисоботи молиявӣ мувофиқи принсипҳои ба назар гирифтани арзиши ҳақиқӣ, ки барои дороиҳою ӯҳдадориҳои молиявӣ истифода мешаванд, омода гардидааст. Муайянкунии арзиши ҳаққонии дороиҳою ӯҳдадориҳои молиявӣ ба воситаи даромад ё зарар сурат гирифтааст. Ҳамчунин, ин муайянкунӣ нисбати дороиҳое, ки дар нақд буда, барои фурӯш таъин шудаанд ба истиснои он дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, ки барояшон муайян намудани қимати ҳақиқии боэътимод вуҷуд надорад, анҷом дода шудааст. Дигар дороиҳою ӯҳдадориҳои молиявӣ мувофиқи арзиши истеҳлокӣ (амортизатсионӣ) ҳисоб карда шудаанд.

## 4) ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ҲИСОБДОРӢ

Дар поён принсипҳои асосии сиёсати ҳисобдории Фонд оварда шудаанд, ки дар таҳия намудани ҳисоботи молиявии мазкур пайваста истифода шудаанд.

### 4.1 БАҲОГУЗОРИИ АРЗИШИ ҲАҚҚОНӢ

Фонд барои ҳар як санаи ҳисоботдиҳӣ аз рӯи арзиши ҳаққонӣ баҳогузории воситаҳои молиявиро ҳамчун коғазҳои қимматнок ва воситаҳои истеҳсолшуда, ки нақд барои фурӯш вуҷуд доранд, анҷом медиҳад. Маълумот оид ба арзиши ҳаққонии воситаҳои молиявӣ, ки мувофиқи арзиши истеҳлокӣ баҳогузорӣ мешавад, дар Эзоҳи 25 шарҳ дода шудааст.

Арзиши ҳаққонӣ он нарх мебошад, ки дар доираи муомилаи фурӯши тартиби муқаррарӣ, дар байни иштирокчиёни бозор аз фурӯши дороӣ ба даст омадааст ё барои додани ӯҳдадорӣ пардохта шудааст ва ин амал дар санаи баҳогузорӣ ба вуқӯъ пайвастааст. Арзёбии арзиши ҳаққонӣ дар ҳолатҳои муомилаи фурӯши дороиҳо ё додани ӯҳдадорӣ сурат хоҳад гирифт:

- дар бозори асосии ин дороӣ ё ӯҳдадорӣ;
- дар шароити набудани бозори асосӣ, дар шароити бозорӣ барои дороӣ ё ӯҳдадории мазкур.

Фонд бояд ба бозори асосӣ ё бозори шароиташ беҳтар дастрасӣ дошта бошад. Арзиши ҳаққонии дороӣ ё ӯҳдадорӣ бо истифодаи эҳтимолият нархгузорӣ мешавад, ки иштирокчиёни бозор дар муайянкунии қиммати дороӣ ё ӯҳдадорӣ, истифода мебаранд. Айни ҳол дар назар дошта мешавад, ки иштирокчиёни бозор барои афзоиши манфиати худ амал мекунанд. Нархгузории арзиши ҳаққонии дороии ғайримоддӣ имконияти аз ҷониби иштирокчии бозор зиёд намудани фоидаи иқтисодиро ба назар мегирад, ки ин иштирокчӣ андешаи беҳтар ва самаранок истифода бурдан ё ба дигар иштирокчии бозор фурӯхтани ин дороиро дар дил дорад.

Фонд чунин усулҳои нархмониро истифода мебарад, ки дар вазъияти баамаломада қобили қабул аст ва барои нархмонии арзиши ҳаққонӣ маълумот дастрас ва кифоя мебошад. Дар айни ҳол пурра истифода намудани маълумоти ибтидоии мушоҳидашудаи қобили қабул ва кам истифода намудани маълумоти ибтидоии мушоҳиданашаванда ба роҳ монда шудааст.

Ҳама дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, ки арзиши ҳаққониашон нархгузорӣ мешавад ё дар ҳисоботи молиявӣ кушода мешавад, дар доираи манбаъҳои арзиши ҳаққонӣ, дар асоси маълумоти ибтидоии сатҳи паст, ки дар умум барои нархгузории арзиши ҳаққонӣ назаррас ҳастанд, гурӯҳбандӣ мешаванд:

- Сатҳи 1 – нархҳои муқарраршудаи бозоргонӣ дар бозори фаъол оид ба дороиҳои монанд (идентикӣ) ё ӯҳдадориҳо (бе ягон хел ислоҳкунӣ);
- Сатҳи 2 − моделҳои арзёбӣ, ки дар он ашёҳое, ки ба андозагирии арзиши ҳаққонӣ марбутанд, ки ба иерархияи пасттарин марбутанд, мустақим ё ғайримустақим дар бозор мушоҳида мешаванд;
- Сатҳи 3 − моделҳои баҳодиҳӣ, ки дар он ашёе, ки ба андозагирии арзиши ҳаққонӣ марбутанд, ки ба сатҳи пасттарини иерархия марбутанд, дар бозор мушоҳида намешавад.

Дар мавриди дороиҳо ва ӯҳдадориҳое, ки дар ҳисоботи молиявӣ давра ба давра эътироф мешаванд, Фонд интиқолро байни сатҳи сарчашмаҳои иерархӣ муайян мекунад, таснифотро аз нав дар охири ҳар як давраи ҳисоботӣ таҳлил мекунад (дар асоси маълумоти ибтидоии сатҳи пасттарин, ки барои баҳодиҳии арзиши ҳаққонӣ дар маҷмӯъ муҳиманд).

## 4.2 ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ

*Эътирофи ибтидоӣ ва баҳогузории воситаҳои молиявӣ*

Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои молиявӣ дар ҳисобот оид ба вазъи молиявии Фонд вақте изҳор мегардад, ки Фонд аз рӯи шартнома нисбати воситаи дахлдори молиявӣ тараф ба ҳисоб равад. Фонд бадасторӣ ва амалинамоии дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳоеро, ки ба санаи ҳисоббаробаркунӣ хусусияти танзимнамоиро доро мебошад, инъикос менамояд.

Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо дар ибтидо дар арзиши ҳаққонӣ инъикос мегарданд. Арзиши ибтидоии дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо, ки дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои аз рӯи арзиши ҳаққонӣ тавассути фоида ё зарар ҳисобшаванда ба ҳисоб намераванд, ба маблаға харoҷотҳои амалиётии амалишуда, ки бевосита ба бадасторӣ ё таъсиси дороиҳои молиявӣ ё бароиши ӯҳдадориҳои молиявӣ вобастаанд, ислоҳ карда мешаванд.

Принсипҳои баҳогузории минбаъдаи арзиши дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо дар муқаррароти дахлдори сиёсати баҳисобгирии дар поён овардашуда, ошкор карда мешаванд.

Фонд дороиҳои молиявиро аз рӯи категорияҳои асосии зерин тасниф менамояд:

- Дороии молиявӣ, ки аз рӯи арзиши истеҳлокшуда баҳогузорӣ шудааст;
- Дороии молиявӣ, ки аз рӯи арзиши ҳаққонӣ тавассути даромади дигари маҷмӯӣ (ДДМ) баҳогузорӣ шудааст;

- Дороии молиявӣ, ки аз рӯи арзиши ҳаққонӣ тавассути фоида ва зарар баҳогузорӣ шудааст.

*Воситаҳои қарзӣ*
Тасниф ва баҳисобгирии минбаъдаи воситаҳои қарзӣ вобаста аст:
- Модели тиҷоратии Фонд, ки барои идоранамоии дороиҳои молиявӣ истифода мешавад;
- Тавсифи дороии молиявӣ, ки ба ҷараёни воситаҳои пулии дар шартнома пешбинишуда вобастааст.

*Модели тиҷоратӣ*
Модели тиҷоратӣ усулеро муайян менамояд, ки тавассути он Фонд дороиҳои молиявии худро барои муттаҳиднамоии ҷараёни воситаҳои пулӣ идора менамояд. Модели тиҷоратии истифодашаванда муайян менамояд, оё ҷараёни воситаҳои пулӣ дар натиҷаи ба даст овардани воситаҳои пулии дар шартнома пешбинишуда ба вуҷуд меояд, ё дар натиҷаи фурӯши дороиҳои молиявӣ ва ё дар натиҷаи ҳам ин ва ҳам он ба вуҷуд меоянд.

Фонд дар рафти фаъолияти худ метавонад моделҳои гуногуни идоранамоии дороиҳои молиявиро татбиқ намояд, дар баробари ин, мутобиқи стратегияи рушди Фонд ва маҳдудияти механизмҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар аст, ки бештари дороиҳои молиявӣ дар доираи Модели ба даст овардани ҷараёниҳои пулии шартномавӣ, нигоҳ дошта мешавад.

*Меъёри SPPI*
Бо мақсади баҳогузории шартҳои шартномавии дороии молиявӣ бо меъёри SPPI, Фонд санҷиши SPPI (минбаъд “Санҷиши SPPI”)-ро барои ҳар як дороии молиявии қарзӣ мегузаронад. Ҳангоми гузаронидани ин баҳогузорӣ Фонд ба назар мегирад, ки оё ҷараёни воситаҳои пулӣ бо механизми асосии қарздиҳӣ мувофиқа карда мешаванд, яъне фоизҳо танҳо баррасии арзиши муваққатии маблағ, хавфи қарзӣ, дигар хавфҳо ва фоидаҳои асосии қарзиро, ки ба шартномаи асосии қарзӣ мутобиқат менамояд, баррасӣ менамояд. Дар он ҳолатҳое, ки ба шартҳои шартномавӣ хавф ё ноустуворӣ (волатильность) ворид карда мешаванд, ки ба механизми асосии қарздиҳӣ мутобиқат накунад, дороии дахлдори молиявӣ аз рӯи арзиши ҳаққонӣ тавассути фоида ва зарар тасниф ва баҳогузорӣ карда мешавад.

Дар асоси ин омилҳо, Фонд воситаҳои қарзии худро аз рӯи се категорияи зерин тасниф менамояд:

*Дороиҳои молиявие, ки аз рӯи арзиши истеҳлокшуда баҳогузорӣ карда мешаванд:*
- Дороиҳои молиявӣ дар доираи модели тиҷоратӣ нигоҳ дошта мешавад, ки мақсади он нигоҳдории дороиҳо барои ба даст овардани ҷараёни воситаҳои пулии дар шартнома пешбинишуда мебошад;
- Шартҳои шартномавии дороиҳои молиявӣ ба даст овардани ҷараёни воситаҳои пулиро, ки танҳо пардохти маблағи асосии қарз ва фоизҳо нисбати маблағи пардохтнашудаи қарзи асосӣ ба ҳисоб меравад, шартгузорӣ менамоянд.

Арзиши тавозунии ин дороиҳо бо зарарҳои қарзии дар назар дошташуда ислоҳ карда мешавад. Даромадҳои фоизии ин дороиҳои молиявӣ ба “Даромадҳои фоизӣ” бо истифода аз усули андозаи самараноки фоизӣ ворид карда мешаванд.

*Дороиҳои молиявӣ, ки аз рӯи арзиши ҳаққонӣ тавассути даромади дигари маҷмӯӣ (минбаъд “ДДМ”) баҳогузорӣ мешавад*:
- Дороӣ дар доираи модели тиҷоратие нигоҳ дошта мешавад, ки он идоранамоии дороиҳоро ҳам бо мақсади ба даст овардани ҷараёни воситаҳои пулии дар шартнома пешбинишуда ва ҳам бо мақсади фурӯши ин дороиҳои молиявӣ пешбинӣ менамуд;
- Шартҳои шартномавии дороии молиявӣ ба даст овардани ҷараёни воситаҳои пулиро дар мӯҳлати дарҷшуда, ки танҳо пардохти маблағи қарзи асосӣ ва фоизи маблағи пардохтнашудаи қарзи асосӣ ба ҳисоб меравад, шартбандӣ менамояд.

Тағйироти арзиши тавозунӣ дар ҳайати даромади дигари маҷмӯӣ эътироф мешавад. Эътирофи зарари қарзӣ, даромади фоизӣ ва тағйироти асъори хориҷӣ дар ҳайати фоида ё зарар амалӣ карда мешавад. Вақте ки дороии молиявӣ ба қатъгардии эътирофнамоӣ гирифтор шавад, фоида ва ё зарари маҷмӯӣ, ки пештар дар ҳайати даромади дигари маҷмуӣ эътироф шуда буданд, дар фоида ё зарар аз нав тасниф карда мешаванд. Даромадҳои фоизӣ аз рӯи дороиҳои молиявии мазкур дар ҳайати “Даромади фоизӣ” бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ эътироф мешаванд.

*Дороиҳои молиявӣ, ки аз тариқи даромад ё зарар ва аз рӯи арзиши ҳаққонӣ аз нав нархгузорӣ мешаванд*
Фонд дороиҳои молиявиро бо арзиши ҳаққонӣ тавассути фоида ё зарар тасниф мекунад, яъне он дороиҳои молиявие, ки ба меъёрҳои арзиши истеҳлокшуда ё арзиши ҳаққонӣ тавассути фоида ё зарар чен карда намешаванд. Фоида ё зарар аз сармоягузории қарзӣ, ки бо арзиши ҳаққонӣ тавассути фоида ё зарар ҳисоб карда мешаванд ва ҷузъи воситаҳои ҳиссаҷудокунӣ дар ҳисоботи фоида ё зарар дар фоидаи соф дар давраи пайдоиши онҳо инъикос карда мешаванд. Даромади фоизӣ аз ин дороиҳои молиявӣ дар таркиби «Даромади фоизӣ» бо истифодаи усули таъсирбахш ҳисоб карда мешавад.

Ҳангоми эътирофи аввалини дороиҳои молиявӣ, Фонд метавонад онро бо ихтиёри худ ҳамчун арзиши ҳаққонӣ тавассути фоида ё зарар тасниф кунад, агар ин номутобиқатии баҳодиҳӣ ё усулҳои эътироф бинобар истифодаи пойгоҳҳои мухталиф барои баҳодиҳии дороиҳо ё ӯҳдадориҳо ё ин ки эътирофи фоидаи ба онҳо алоқаманд ба вуҷуд ояд.

Дороиҳои молиявие, ки дар ҳеҷ як категория муайян карда нашудаанд, ба категорияи дороиҳое тааллуқ доранд, ки бо арзиши фоида ва зарар бо арзиши ҳаққонӣ баҳогузорӣ карда мешаванд.

*Санаи эътироф*
Ҳама амалиёти стандартӣ доир ба харид ва фурӯши дороиҳои молиявӣ дар санаи амалиёт инъикос хоҳанд гардид, яъне дар санае, ки Фонд ӯҳдадории хариди дороиро ба худ мегирад. Ба амалиёти стандартӣ оид ба харид ё фурӯш, амалиёти харид ё фурӯши дороиҳои молиявӣ дохил мешаванд ва дар доираи ин амалиёт дар мӯҳлати таъиншуда пешниҳод кардани дороиҳо талаб карда мешавад, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст ё дар бозор қабул гардидааст.

*Воситаҳои ҳиссавӣ*
Фонд сармояро дар воситаҳои ҳиссавӣ ҳамчун арзиши ҳаққонӣ баҳогузорӣ менамояд, ки тағйироти он дар ҳайати фоида ва зарар инъикос мегардад, ба истиснои ҳолатҳое, ки Роҳбарияти Фонд ҳангоми эътирофи ибтидоӣ сармояро дар ҳайати аз рӯи арзиши ҳаққонӣ баҳогузошта тавассути даромади дигари маҷмӯӣ муайян намудааст.

Бо сабаби маҳдудияти механизми бозорӣ барои савдои қоғазҳои қимматноки ҳиссавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати Фонд дар таснифи воситаҳои ҳиссавӣ аз рӯи арзиши ҳаққонӣ баҳодиҳанда тавассути даромади дигари маҷмӯӣ, ҳангоми нигоҳдории сармоя бо мақсаде, ки аз бадаст овардани даромади сармоявӣ фарқ менамояд, ифода меёбад.

Дар чунин ҳолатҳо, тағйироти арзиши ҳаққонӣ дар ҳайати даромади дигари маҷмӯӣ эътироф мешавад ва дар натиҷа наметавонад дар фоида ё зарар аз нав тасниф карда шавад. Дивидендҳо аз ин гуна сармоягузориҳо ҳамчун даромадҳои дигар тавассути фоида ё зарар эътироф мешаванд.

Фоидаҳо ё зарарҳо аз сармояи ҳиссавӣ ҳамчун аз рӯи арзиши ҳаққонӣ тавассути фоида ва зарар баҳогузоришаванда дар ҳайати “Даромади софи тиҷоратӣ” дар ҳисобот оид ба фоида ва зарар инъикос мегардад.

*Такмили ҷараёни пулии дар шартнома пешбинишуда*
Дар вазъиятҳое, ки Фонд ҷараёнҳои пулии аз рӯи дороии молиявӣ пешбинишударо таҷдиди назар менамояд ё такмил медиҳад, Фонд баҳогузорӣ менамояд, ки то чӣ андоза тағйирот нисбати шартҳои ибтидоӣ амалан рӯй додааст.

Агар шартҳо амалан фарқ намояд, Фонд эътирофнамоии дорои молиявии ибтидоиро қатъ менамояд ва дороии молиявии навро аз рӯи арзиши ҳаққонӣ эътироф менамояд ва меъёри самараноки нави фоизро барои дороӣ аз нав ҳисоб менамояд. Ҳангоми баррасии такрории беқурбшавӣ санаи таҷдиди назар намудани шартҳо, аз он ҷумла, барои мақсади муайяннамоии он оиди мавҷуд будани зиёдгардии назарраси хавфи қарзӣ ба ҳисоб меравад.

Вале Фонд чунон баҳогузорӣ менамояд, ки дороии молиявии нав эътирофшуда ҳангоми эътирофи ибтидоӣ беқурб ба ҳисоб меравад, махсусан дар он ҳолатҳое, ки таҷдиди назар бо он шартгузорӣ карда шудааст, ки қарздор натавонист пардохтҳои ибтидоии мувофиқашударо иҷро намояд. Фарқият дар арзиши тавозунии дороиҳои молиявӣ дар ҳисобот оид ба фоида ва зарар инъикос меёбад. Агар шартҳо амалан фарқ накунад, таҷдиди назар ва ё тағйирот ба қатъгардии эътироф оварда намерасонад.

Фонд арзиши тавозуни маҷмӯиро мутобиқи тағйироти ҷараёни пулӣ аз рӯи меъёри ибтидоии самараноки фоиз аз нав ҳисоб менамояд ва фоида ё зарарро аз такмил дар ҳайати ҳисобот оид ба фоида ё зарар эътироф менамояд. Агар такмилот ба зиёдгардии назарраси хавф мутобиқи дастурамали ҳисоббаробаркунии зарарҳои пулии дар назар дошташуда оварда расонад, пас аз такмили шартнома ба ҳисоби беқурбшавӣ мутобиқи дастурамал таъсир мерасонад.

*Тасниф ва баҳисобгирии минбаъдаи ӯҳдадориҳои молиявӣ*
Фонд тамоми ӯҳдадориҳои молиявиро дар натиҷа ҳамчун арзиши истеҳлокшудаи баҳогузоришаванда тасниф менамояд, ба истиснои:

- Ӯҳдадориҳои молиявие, ки аз рӯи арзиши ҳаққонӣ тавассути фоида ё зарар баҳогузорӣ мешаванд. Чунин ӯҳдадориҳо, аз ҷумла воситаҳои ҷамъшаванда, ки ӯҳдадориҳо ба ҳисоб мераванд, дар натиҷа аз рӯи арзиши ҳаққонӣ баҳогузорӣ карда мешаванд;

- Ӯҳдадориҳои моливие, ки онҳо дар он ҳолате ҳам рӯй медиҳад, ки додани дороии молиявӣ ба талабот барои қатъгардии эътирофнамоӣ мутобиқат наменамояд ё вақте ки принсипи баҳисобгирии иштироки давомдор истифода мешавад;

- Шартномаҳои кафолати молиявӣ ва ӯҳдадориҳо оид ба пешниҳоди қарз аз рӯи меъёри фоизии аз бозор пасттар. Пас аз эътирофи ибтидоӣ чунин шартномаҳо бояд дар натиҷаи аз рӯи бузургии бештари зерин баҳогузорӣ карда мешаванд:
  - маблағи захираи баҳогузории аз тарафи Фонд таҳти зарар таъсисёфта;
  - маблағи дар ибтидо эътирофшуда, дар натиҷаи аз ҳисоб баровардани маблағи умумии даромад, дар ҳолати зарурӣ таъсисёфта;

- Баррасии шартӣ, ки аз ҷониби харидор дар рафти тиҷорат эътироф шудааст. Чунин баррасии шартӣ минбаъд бо арзиши ҳаққонӣ баҳогузорӣ мешавад, ки тағйироти он дар таркиби фоида ва зарар инъикос мешавад.

Ҳангоми эътирофи ибтидоии ӯҳдадории молиявӣ, Фонд метавонад аз рӯи салоҳдиди худ онро бе ҳуқуқи аз нав тасниф намудан, ҳамчун аз рӯи арзиши ҳаққонӣ тавассути фоида ва зарар баҳодода, тасниф намояд.

## 4.3 ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ДОРОИҲО ВА ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ

Ҳисоббаробаркунии дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо бо нишон додани бақияи соф дар ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ, танҳо дар ҳолати вуҷуд доштани ҳуқуқи юридикӣ барои

ҳисоббаробаркунӣ ва нияти фурӯши дороӣ дар якҷоягӣ бо танзим кардани ӯҳдадорӣ, анҷом дода мешавад.

Ҳуқуқи гузаронидани ҳисоббаробаркунӣ набояд шарти рӯйдоди ояндаро пеш гузорад ва бояд дар ҳама рӯйдодҳои ояндаи зерин эътибори ҳуқуқӣ дошта бошад:

- дар ҷараёни фаъолияти муқаррарӣ;
- дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадорӣ;
- дар ҳолати ғайри қобил будан ё муфлис шудани Фонд ё яке аз контрагентҳо.

Маъмулан шартҳои нисбати созишномаҳои генералӣ доир ба ҳисоббаробаркунӣ иҷро намегарданд ва дороиҳою ӯҳдадориҳои дахлдор дар ҳисоботи ҳолати молиявӣ дар намуди маблағи пурра, нишон дода мешаванд.

*Арзиши истеҳлокшуда*
Арзиши истеҳлокшудаи дороиҳои молиявӣ ва ё ӯҳдадориҳо арзишеро ифода менамояд, аз рӯи он дороии молиявӣ ва ё ӯҳдадорӣ дар лаҳзаи эътирофнамоии ибтидоӣ, бо азҳисоббарории маблағи асосии қарз, ки ба бузургии истеҳлоки ҷамъшудаи фарқият байни арзиши дар ибтидо эътирофшуда ва арзиши дар лаҳзаи пардохтнамоӣ ба вуҷудомада, ки бо истифода аз усули меъёри самараноки фоиз муайян шуданд, инчунин бо азҳисоббарории зарар аз беқурбшавӣ, баҳогузорӣ карда шудаанд. Бузургии мукофотпулиҳо ва таҳфифҳо, инчунин маблағи хароҷот аз рӯи аҳдҳо ба арзиши тавозуни воситаҳои дахлдор ворид карда мешавад ва бо дарназардошти меъёри самараноки фоизии воситаи мазкур истеҳлок карда мешавад.

*Аз нав тасниф намудани дороиҳои молиявӣ*
Агар нисбати дороии молиявии ғайриистеҳсолӣ, ки ҳамчун фурӯшӣ тасниф шудааст, Фонд дигар нияти фурӯхтани онро дар ояндаи наздик надошта бошад, ин дороиро дар ҳолатҳои зер метавон аз категорияи дороиҳои молиявӣ, ки аз рӯи арзиши ҳаққонӣ ва аз тариқи даромад ё зарар аз нав нархгузорӣ шудааст, аз нав тасниф намуд:

- дороии молиявии ба муқарраროти қарзҳо ва қарзи дебиторӣ ҷавобгӯй, ки дар боло оварда шудааст, мумкин аст ба категорияи қарзҳо ва қарзи дебиторӣ аз нав тасниф шавад, агар Фонд ният ва имконияти нигоҳдории дороии мазкурро дар ояндаи наздик ё то анҷоми пардохт дошта бошад;
- дигар дороиҳои молиявиро метавон баъзан ба категорияи нақди фурӯшӣ ё то анҷоми пардохт нигоҳдошта, аз нав тасниф намуд.

Дороии молиявӣ, ки ҳамчун нақди фурӯшӣ тасниф шудааст, агар он ба муқаррароти қарзҳо ва қарзи дебиторӣ мувофиқат кунад, мумкин аст ба категорияи қарзҳо ва қарзи дебиторӣ, аз нав тасниф шавад, агар Фонд ният ва имконияти нигоҳдории дороии мазкурро дар ояндаи наздик ё то анҷоми пардохт дошта бошад.

Дороиҳои молиявӣ, дар санаи таъиншуда, аз рӯи арзиши ҳаққонӣ аз нав тасниф мешаванд. Даромаду хароҷот, ки аз ин пеш дар ҳисобот оид ба даромаду зарарҳо эътироф шудааст, ислоҳ карда намешаванд. Арзиши ҳаққонии дороии молиявӣ, дар санаи аз нав таснифкунӣ, минбаъд арзиши нав ва аввали он ё арзиши истеҳлокӣ ба ҳисоб меравад.

## 4.4 ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО

Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо аз воситаҳои пулии нақд, воситаҳои пулии дар БМТ буда (ба истисноии захираҳои ҳатмӣ) ва воситаҳои пулии дар ташкилотҳои қарзӣ қарордошта, бо мӯҳлати пардохташон дар давоми 90 рӯз аз санаи пайдо шудан, ки бо ягон хел созишномаҳои ӯҳдадорӣ алоқамандӣ надоранд, иборат мебошанд.

## 4.5 ВОСИТАҲО ДАР БОНКҲО

Дар рафти фаъолияти муқаррарии худ Фонд воситаҳоро паҳн менамояд ва ҳиссагузориҳоро дар бонкҳо ба мӯҳлатҳои гуногун амалӣ менамояд. Воситаҳо дар бонкҳо аввал аз рӯи арзиши боадолатона эътироф карда мешаванд ва минбаъд аз рӯи арзиши истеҳлокшуда дар асоси усули меъёри самараноки фоизӣ баҳогузорӣ карда мешаванд. Воситаҳо дар ашкилотҳои қарзӣ бо азҳисоббарории дилхоҳи захираҳо таҳти беқурбшавӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

## 4.6 УСУЛҲОИ МОЛИЯВИИ ИСТЕҲСОЛӢ

Дар раванди фаъолияти муқаррарии худ, Фонд усулҳои молиявии истеҳсолии гуногунро истифода мебарад (аз ҷумла интиқолҳои асъорӣ ва свопҳо). Ин усулҳои молиявӣ барои савдо таъинот доранд ва дар аввал аз рӯи арзиши ҳаққонӣ нишон дода мешаванд. Арзиши ҳаққонӣ дар асоси қурби бозор ё модели нархмонӣ, ки дар асоси арзиши дар бозор қабулшуда ва арзиши шартномавии усулҳои базавии мувофиқ ва дигар омилҳо, муқаррар карда мешавад. Усулҳои молиявии истеҳсолӣ бо арзиши ҳаққонии мусбӣ дар таркиби дороиҳо инъикос мегарданд, бо арзиши ҳаққонии манфӣ бошад, дар таркиби ӯҳдадориҳо мемонанд. Даромаду хароҷот аз амалиёт бо усулҳои зикршуда, дар ҳисоботи даромаду зарар дар таркиби даромади соф/(хароҷот) доир ба амалиёт бо асъори хориҷӣ, инъикос мегардад.

## 4.7 ҚАРЗҲО ВА ҚАРЗИ ДЕБИТОРӢ

Қарзҳо ва қарзи дебиторӣ ин дороиҳои молиявии ғайриистеҳсолӣ мебошанд, ки дар бозори фаъол бо пардохтҳои муқарраршуда ё муқарраршаванда гардиш намекунанд. Онҳо барои фурӯши фаврӣ ё ояндаи наздик таъинот надоранд ва ба сифати коғазҳои қимматнок ё коғазҳои қимматноки инвеститсионӣ, ки барои фурӯш дар намуди нақд мавҷуданд, тасниф намешаванд. Чунин дороиҳо аз рӯи арзиши истеҳлокӣ бо истифодаи методи қурби фоизи самаранок нишон дода мешаванд. Даромаду хароҷот оид ба чунин дороиҳо дар ҳисоботи даромаду зарар нишон дода мешавад. Ин кор ҳангоми хориҷ шудан ё беқурб шудани чунин дороиҳо, ҳамчунин дар ҷараёни истеҳлок қарор доштани онҳо, низ сурат мегирад.

## 4.8 ИҶОРА

*Иҷораи амалиётӣ – Фонд ба ҳайси иҷорагир*

Иҷораи моликият, ҳангоме ки иҷорадиҳанда дар асл хатару фоидаро ба зиммаи худ нигоҳ медорад ва ин бо ҳуқуқи моликдорӣ, ба объекти иҷора иртибот дорад, ҳамчун иҷораи амалиётӣ тасниф мешавад. Пардохтҳои шартномаи иҷораи амалиётӣ, дар давоми мӯҳлати иҷора, барои хароҷоти содиршуда аз ҳисоб бароварда мешаванд ва дар таркиби дигар хароҷоти амалиётӣ ба ҳисоб мераванд.

## 4.9 БЕҚУРБШАВИИ ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ

Ба ҳар як санаи ҳисоботдиҳӣ, Фонд мавҷудияти аломатҳои объективии беқурбшавии дороии молиявӣ ё гурӯҳи дороиҳои молиявиро баҳо медиҳад. Дороии молиявӣ ё гурӯҳи дороиҳои молиявӣ он гоҳ ҳамчун беқурбшуда ҳисобида мешаванд, вақте ки шаҳодати объективии беқурбшавӣ дар натиҷаи як ё зиёд рӯйдодҳо, ки пас аз эътирофи аввалини дороӣ рух додааст, мавҷуд аст. Мусаллам аст, ки рӯйдод («рӯйдод ва омадани зарар ё рӯйдодҳо») бо воситаҳои пулӣ, дороии молиявӣ ё гурӯҳи дороиҳои молиявӣ дар оянда меояд, таъсири худро мерасонад. Ва ин дороиҳоро мумкин аст боъэтимод баҳо дод. Аломатҳои беқурбшавиро метавон  аз вуқӯи зерин дарёфт, вақте ки қарзгир ё гурӯҳи қарзгирандагон мушкилиҳои назарраси молиявӣ доранд, ӯҳдадориҳояшонро доир ба пардохти фоиз ё маблағи асосии қарз вайрон мекунанд, эҳтимол доштани баланди муфлисшавӣ ё аз нав ташаккулёбии молиявӣ, ҳамчунин шаҳодат дар асоси маълумот аз бозори мушоҳидашаванда, кам шудани ҷараёни воситаҳои пулӣ, ки дар оянда омаданашон дар интизор аст, масалан, тағйирот дар сатҳи пардохтҳои мӯҳлаташон гузашта ё шароитҳои иқтисодӣ, ки бо зиёни дороиҳо мансубият доранд.

*Воситаҳои пулӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва қарзҳо барои мизоҷон*
Нисбати воситаҳои пулӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ва қарзҳо барои мизоҷон, ки ҳисобашон аз рӯи арзиши истеҳлокӣ сурат мегирад, Фонд аввал вуҷуд доштани аломатҳои объективии беқурбшавиро барои дороиҳои молиявии алоҳидаи назаррас ё дар маҷмӯъ барои дороҳои молиявӣ, ки алоҳида назаррас нестанд, дар асоси баҳодиҳии инфиродӣ анҷом медиҳад. Агар Фонд нисбати дороии молиявӣ қарор диҳад, ки баҳомониаш дар асоси индивидуалӣ сурат гирифтааст, аломатҳои объективии беқурбшавӣ вуҷуд надорад, новобаста аз он, ки ин дороӣ назаррас аст, Фонд ин дороиро ба гурӯҳи дороиҳои молиявӣ бо хусусиятҳои монанди хатари қарзӣ, дохил мекунад ва беқурбшавии онҳоро дар маҷмӯъ баҳо медиҳад. Он дороиҳое, ки баҳодиҳии беқурбшавиашон дар асоси индивидуалӣ сурат мегирад ва нисбаташон зарар аз беқурбшавӣ эътироф шудааст, баҳодиҳии беқурбшавиашон набояд дар асоси маҷмӯъ анҷом дода шавад.

Дар ҳолати вуҷуд доштани шаҳодати объективии зарар аз беқурбшавӣ, маблағи зарар - ин фарқ байни арзиши тавозунии дороиҳо ва арзиши овардашудаи ҷараёни воситаҳои пулии оянда мебошад (ки он зарари ояндаи интизордоштаи қарзҳоро ба ҳисоб намегирад, зараре ки, то ҳол ба вуқӯъ напайвастааст). Арзиши тавозунии дороӣ аз ҳисоби истифодабарии суратҳисоби захира кам мешавад ва маблағи зарар дар ҳисоботи даромаду зарар эътироф мегардад. Ҳисоб кардани даромадҳои фоиз аз рӯи арзиши тавозунии паст, дар асоси қурби фоизи самараноки аввалини дороӣ, давом меёбад.

Қарзҳо ва захираҳои дахлдор мувофиқи қарори Роҳбарияти Фонд аз ҳисобдорӣ хориҷ карда мешаванд, дар ҳолате, ки ояндаи воқеии ҷуброни онҳо вуҷуд надорад. Агар дар соли оянда маблағи зарарҳое, ки аз рӯи беқурбшавӣ баҳо дода шудаанд, дар алоқамандӣ бо рӯйдод, ки пас аз эътирофи маблағи зарарҳо аз беқурбшави ба вуқӯъ пайвастааст, зиёд ё кам шавад, он гоҳ маблағи пеш аз беқурбшавӣ эътирофшуда, аз тариқи ислоҳи суратҳисоби захира, зиёд ё кам мешавад. Агар аз ҳисоббарорӣ дертар барқарор гардад, маблағи барқароршуда дар ҳисобот оид ба фоида ва зарар нишон дода мешавад.

Арзиши овардаи ҷараёни пулҳое, ки омаданашон дар оянда дар интизор аст, аз рӯи қурби фоизи самараноки аввалини дороии молиявӣ дисконт карда мешаванд.  Агар қарз аз рӯи фоизи тағйирёбанда дода шуда бошад, он гоҳ қурби дисконтшавӣ барои баҳодиҳии зарарҳо аз беқурбшавӣ, бо меъёри фоизи ҷории самаранок баҳогузорӣ мешавад. Аз рӯи дороиҳои молиявӣ ҳисоб кардани арзиши овардаи воситаҳои пулӣ, ки омаданашон дар оянда дар интизор аст ва ба сифати таъминдошта пешниҳод шудааст, воситаҳои пулиро инъикос мекунад. Ва ҳамин воситаҳои пулиро ҳамчун талабот бо ҳисоб кардани хароҷот ва фурӯши гарави таъминдошта, новобаста аз мавҷуд будани имконияти талаб кардан, метавон гирифт.

Бо мақсади дар маҷмӯъ баҳо додан, барои ошкор кардани мавҷудияти аломатҳои беқурбшавӣ, дороиҳои молиявӣ дар асоси системаи дохилии рейтинги қарзии Фонд, ба гурӯҳҳо тақсим карда мешаванд. Ин тақсимбандӣ аз рӯи ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои хавфи қарзӣ, ба монанди намуди маҳсулот, соҳа, пардохтҳои сари вақт ба иҷро расида ва дигар омилҳо анҷом дода мешавад. Гардиши (ҷараёни) пули оянда доир ба дороиҳои молиявӣ, ки беқурбшавиашон дар асоси маҷмӯъ баҳогузорӣ мешавад, зарарҳои мансуби дороиҳо дар асоси маълумоти таърихӣ, хусусиятҳои хатари қарзӣ, ки ба хусусиятҳои гурӯҳи дороиҳо монанданд, муқаррар карда мешавад. Маълумоти таърихӣ доир ба зарарҳо, дар асоси маълумоти ҷории бозори мушоҳидашаванда, бо мақсади инъикос намудани таъсири шароитҳои мавҷуда, ислоҳ карда мешавад.

Ин шароитҳо барои он солҳо таъсир надоштанд, барои он солҳо маълумоти таърихӣ доир ба зарарҳо вуҷуд дорад ва хориҷ кардани таъсири шароитҳои давраи таърихӣ, ки феълан вуҷуд

надоранд, дар баҳодиҳии беқурбшавии дороиҳои молиявӣ ба эътибор гирифта мешавад. Баҳои тағйирот, нисбати гардиши (ҷараёни) пулҳои оянда, барои ҳар сол инъикос меёбанд ва ба тағйирот дар маълумоти дахлдори бозори мушоҳидашаванда мувофиқанд. Масалан, тағйирот дар сатҳи бекорӣ, тағйирот дар нархҳои амволи ғайриманқул, нархҳои мол, ҳолати пардохткунӣ ё дигар омилҳо, ки дар бораи зарарҳои Фонд ва андозаи онҳо равшанӣ меандозад. Дастурамал ва таваккалкунӣ, ки барои баҳодиҳии ҷараёни пулҳои оянда истифода мешавад, пайваста аз нав баррасӣ мешавад, то ки фарқ байни баҳои зарар ва натиҷаҳои воқеӣ кам гардад.

## 4.10 ХОРИҶКУНИИ ҚАРЗҲО ВА ВОСИТАҲО

Дар ҳолати имконнопазирии баргардонидани қарзҳои додашуда, аз ҷумла тавассути ситонидани гарав, онҳо аз ҳисоби захираҳои беқурбшавӣ хориҷ карда мешаванд. Қарзҳо ва воситаҳои аз худ кардашуда пас аз он, ки Роҳбарияти Фонд барои баргардонидани маблағи барои Фонд гирифташуда, инчунин пас аз иҷрои ӯҳдадориҳои таъмингардида аз ҳисоб хориҷ карда мешаванд. Ҷуброни минбаъдаи маблағи қаблан хориҷшуда ҳамчун кам шудани арзиши беқурбшавии дороиҳои молиявӣ дар ҳисобот дар бораи фоида ё зарар ва дигар даромади маҷмӯӣ дар давраи барқароршавӣ инъикос карда мешавад.

## 4.11 ЗАХИРАҲО ТАҲТИ БЕҚУРБШАВӢ

Фонд захираи баҳогузоришавандаро таҳти зарари қарзии дар назар дошташуда оид ба қарзҳои додашуда, эътироф менамояд. Фонд чунин зарарҳоро ба ҳар як санаи ҳисоботӣ бо роҳи баҳогузории мавҷудияти шаҳодатнома оид ба беқурбшавӣ эътироф менамояд. Модели баҳогузории беқурбшавии дороиҳои молиявӣ, баҳогузории зарари дар назар дошташудаи қарзиро бо тақсимнамоӣ ба онҳое, ки дар доираи 12 моҳ дар назар аст ва онҳое, ки дар давоми тамоми мӯҳлати амали дороии молиявӣ дар назар дошта шудааст, пешбинӣ менамояд.

Модели зарарҳои дар назар доштаи Фонд дар принсипҳои зерин таъсис дода шудааст:

- Марҳилаи 1: Зарари дар назар доштаи қарзӣ, ки дар ҳолати эҳтимолияти дефолт дар мӯҳлати 12 моҳ аз санаи ҳисоботӣ ба вуҷуд меояд;

- Марҳилаи 2: Зарари дар назар доштаи қарзӣ, ки дар ҳолати эҳтимолияти дефолт дар мӯҳлати давраи аз ҳама зиёди шартномавӣ, ки дар давоми он қарздор ба хавфи қарзӣ гирифтор мешавад, ба вуҷуд меояд;

- Марҳилаи 3: Зарари дар назар доштаи қарзӣ, ки дар ҳолати эҳтимолияти дефолт дар мӯҳлати давраи аз ҳама зиёди шартномавӣ ба вуҷуд меояд, дар баробари ин, даромади фоизӣ аз рӯи меъёри самаранок ба арзиши тавозунӣ бо аз ҳисоб баровардани захираи ташаккулёфта ба ҳисоб гирифта мешавад.

Баҳогузории зарари дар назар доштаи қарзӣ ҳисоби объективии аз рӯи дараҷаи эҳтимолияти бузургӣ муайяншударо инъикос менамояд, ки он тавассути баҳогузорӣ як қатор оқибатҳоро муқаррар менамояд.
Фонд зарари дар назар доштаи қарзиро аз рӯи воситаҳои молиявӣ бо ёрии моделе, ки чунин муқарраротро инъикос менамояд, баҳогузорӣ менамояд:

- маблағи асоснок ва санҷидашуда бо дарназардошти эҳтимолият, ки бо роҳи баҳогузории фосилаи натиҷаҳои эҳтимолӣ муайян мешавад;
- маълумоти асоснок ва тасдиқшуда дар бораи ҳодисаҳои гузашта, шартҳои ҷорӣ ва шартҳои иқтисодии дар оянда пешгӯишаванда, ки ба санаи ҳисоботӣ бе хароҷот ва кӯшиши фавқулодда дастрас аст.

Фонд захираи баҳогузориро таҳти зарари қарзӣ аз рӯи воситаҳои молиявии зерин таъсис медиҳад, ки онҳо ба категорияи аз рӯи арзиши ҳаққонӣ баҳогузоришаванда бо инъикоси тағйироти он дар ҳайати фоида ва зарар дохил намешаванд:

- дороиҳои молиявӣ, ки онҳо воситаҳои қарзӣ ба ҳисоб мераванд;
- қарзи дебиторӣ аз рӯи иҷораи молиявӣ;
- шартномаҳои кафолати молиявии додашуда;
- ӯҳдадориҳои аз рӯи қарз додашуда.

Зарар аз беқурбшавӣ аз рӯи сармояҳо дар воситаҳои ҳиссавӣ дар ҳисобот инъикос намеёбад. Фонд захираи баҳогузориро таҳти зарар барои ҳамаи мӯҳлати зарари қарзии дар назар дошташуда ҳисоб менамояд, ба истиснои воситаҳои зерин, ки барои онҳо чунин зарар ҳамчун зарари қарзии дарназардошташуда барои давраи 12 моҳ баҳогузорӣ мешаванд:

- қоғазҳои қимматноки сармоявӣ, ки ҳамчун хавфи пасти қарзӣ ба санаи ҳисоботӣ муайян карда мешаванд;
- воситаҳои дигари молиявӣ (ба ғайр аз қарздории дебиторӣ), ки аз рӯи онҳо хавфи қарзӣ ба таври назаррас пас аз инъикоси ибтидоии онҳо дар ҳисобот баланд нашудааст.

Захираи баҳогузоришаванда таҳти зарар барои қарздории дебиторӣ аз рӯи иҷораи молиявӣ ҳама вақт барои ҳамаи мӯҳлати зарари қарзии дарназардошташуда ҳисоб карда мешавад.

Фонд ҳисоб менамояд, ки қоғази қимматноки қарзӣ хавфи пасти қарзиро доро мебошад, агар рейтинги қарзии он ба мафҳуми дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшудаи “синфи сармоягузорӣ” мутобиқат намояд.

Зарарҳои қарзии дар назар дошташуда дар давраи 12 моҳ қисми зарарҳои қарзии дар назар доштаро инъикос менамояд, ки онҳо дар натиҷаи дефолтҳо аз рӯи воситаи молиявии дар мӯҳлати 12 моҳ пас аз санаи ҳисоботӣ дар назар дошташуда ба вуҷуд меоянд.

Зарарҳои қарзии дар назар дошташуда баҳогузории зарари қарзии санҷидашударо бо дарназардошти эҳтимолияти баҳогузорӣ инъикос менамояд. Онҳо дар шакли зерин баҳогузорӣ мешаванд:

- Барои дороиҳои молиявӣ, ки ба санаи ҳисоботи дороиҳои қарзӣ беқурб ба ҳисоб намераванд: ҳамчун арзиши ҳамаи воситаҳои пулии аз рӯи онҳо ба даст оварда нашуда (яъне фарқияти байни ҷараёни пулие, ки ба даст овардани онҳо бо шартнома пешбинӣ шудааст, инчунин ҷараёни пулие, ки Фонд гирифтани онро дар назар дорад);

- Барои дороиҳои молиявие, ки ба санаи ҳисоботии дороиҳои қарзӣ беқурб ба ҳисоб мераванд: ҳамчун фарқияти байни арзиши маҷмӯии тавозунӣ ва арзиши овардашудаи ҷараёни пулии минбаъдаи дар назар дошташуда;

- Барои ӯҳдадориҳо оид ба пешниҳоди қарзҳо: ҳамчун арзиши фарқият байни ҷараёни пулии дар шартнома пешбинишуда, ки ба Фонд дар ҳолати истифодаи ӯҳдадорӣ оид ба додани қарз ва ҷараёни пулӣ таалуқ дорад, ки гирифтани онҳоро Фонд дар назар дорад;

- Барои шартномаҳои кафолати молиявӣ: ҳамчун пардохтҳои дар назар дошташуда, ки ба нигоҳдоранда зарарҳоро ҷуброн менамояд, ба истиснои маблағи дилхоҳе, ки Фонд гирифтани онро тибқи тартиби рӯёнидан дар назар дорад.

Тағйироти зарарҳои қарзии дар назар дошташуда ба фоида бо истифодаи ҳисоби захира таалуқ дорад. Дороиҳои дар тавозун инъикос ёфта ба бузургии зарарҳои қарзии дар назардоштешуда кам карда мешавад. Омилҳое, ки Фонд ҳангоми муайяннамоии мавҷудияти шаҳодати объективии бавуҷудоии зарар аз беқурбшавӣ баҳогузорӣ менамояд, маълумотро дар бораи бозоргир будани қарздор ё эмитент, пардохтпазирии онҳо, хавфҳои соҳибкорӣ ва хавфҳои молиявӣ, сатҳҳо ва тамоюли иҷро нагардидани ӯҳдадориро оид ба дороиҳои молиявии ҳамшабеҳ, тамоюл ва шартҳои пешгӯии иқтисодии миллӣ ва маҳаллӣ, инчунин

арзиши ҳаққонии таъминот ва кафолатро дар бар мегирад. Ин ва дигар омилҳо, дар алоҳидагӣ ё дар маҷмӯъ ба дараҷаи назаррас шаҳодати объективиро барои эътирофи зарарҳои қарзии дар назардошташудаи дороиҳои молиявӣ ё гуруҳи дороиҳои молиявиро намояндагӣ менамоянд.

Фонд баҳогузорӣ ва ҳисоббаробаркунии захираҳоро оид ба беқурбшавии қарзҳои мутобиқи Стандарти байнамилалии ҳисоботи молиявӣ (IFRS) 9 "Воситаҳои молиявӣ" мегузаронад. Ҳисоббаробаркунии захираҳо оид ба беқурбшавии қарзҳои мутобиқи равиши СБҲМ додашуда, аз захирае, ки мутобиқи талаботи Бонки Миллии Тоҷикистон (минбаъд "БМТ") ба ҳисоб гирифта шудааст, фарқ менамояд.

## 4.12 АНДОЗБАНДӢ

Хароҷоти ҷорӣ доир ба андоз аз фоида, мувофиқи қонунгузории ҶТ ҳисоб карда мешавад. Дороию ӯҳдадориҳои мансуби андоз, ки пардохташон ба таъхир афтодааст, нисбати ҳама фарқҳои муваққатӣ бо истифодаи методи ӯҳдадориҳои тавозунӣ, ҳисоб карда мешавад. Андозҳо аз фоида, ки пардохташон ба таъхир афтодааст, ба мақсади ҳисоботдиҳии молиявӣ, аз рӯи ҳама фарқиятҳои муваққатӣ инъикос мешаванд, ки байни дороиҳои базавии андоз ва ӯҳдадориҳо ва арзиши тавозунии онҳо пайдо мешаванд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ба таъхир афтодани андоз аз фоида, дар натиҷаи инъикоси аввалини гудвил, дорой ё ӯҳдадории ба амалиёт дахл дошта пайдо мешавад ва он якҷояшавии ширкатҳоро баён намекунад ва ҳамчунин ҳангоми иҷрошавиаш на ба даромади ҳисобдорӣ (муҳосибӣ) ва на ба даромад ё зарари андозбандӣ, таъсир намекунад. Дороиҳои андоз, ки пардохташон ба таъхир афтодааст, танҳо ба андозае инъикос мешаванд, ки аз он дар оянда эҳтимоли гирифтани даромади андозбандӣ вуҷуд дорад ва нисбати он мумкин аст ҳамин фарқиятҳои муваққатӣ ҳисоб карда шавад, ки базаи андозро кам мекунанд. Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои андоз, ки пардохташон ба таъхир афтодааст, аз рӯи меъёрҳои андозбандӣ баҳогузорӣ мешаванд ва ин меъёрҳо мувофиқи қонунгузории ба эътибор даромада ё амалан эътибор пайдо карда, дар санаи ҳисоботдиҳӣ, дар давоми фурӯши дорой ё ҳаллу фасли ӯҳдадорӣ, истифода хоҳанд шуд. Ба ғайр аз ин, дар ҶТ намудҳои гуногуни андоз амал мекунанд ва онҳо нисбати фаъолияти Фонд истифода мешаванд. Инчунин, ин андозҳо дар таркиби дигар хароҷоти амалиётӣ инъикоси худро меёбанд.

## 4.13 ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

Воситаҳои асосӣ аз рӯи арзиши воқеӣ, бе ҳисоб кардани хароҷоти ҳаррӯзаи хизматрасонӣ, ҳисоб кардани истеҳлок ва зарарҳои ҷамъшуда аз беқурбшавӣ, ба эътибор гирифтани таворуми баланди ҳамаҷониба (гиперинфлятсия), инъикос мегарданд. Чунин арзиш аз хароҷоте иборат аст, ки бо иваз кардани таҷҳизот алоқамандӣ дорад ва аз рӯи воқеияти харҷҳо эътироф мегардад, агар ин харҷҳо ба меъёрҳои эътироф ҷавобгӯй бошанд.

Нисбати беқурбшавӣ, баҳогузории арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ, дар ҳолати ба вуқӯъ пайвастани рӯйдод ё тағйироти ҳолат анҷом дода мешавад ва ин ҳолат нишон медиҳад, ки арзиши тавозунии дороии мазкурро эҳтимол ҷуброн кардан намешавад.

Истеҳлоки объект он вақт оғоз мегардад, вақте ки он барои истифода бурдан дастрас мегардад. Истеҳлок аз рӯи методи бақияи камшаванда ҳисоб карда мешавад.

Арзиши бақия, мӯҳлати истифодаи фоиданок ва усулҳои ҳисобкунии истеҳлоки дороиҳо, дар охири ҳар соли ҳисоботӣ таҳлил шуда, ба андозаи зарурат ислоҳ хоҳанд гардид. Хароҷоти таъмир ва азнавсозӣ, ба хароҷоти андозаи иҷрои кор тааллуқ хоҳанд дошт ва ба таркиби хароҷоти дигари оператсионӣ дохил карда мешаванд, ба истисноии ҳолатҳое, ки онҳо мувоҷеҳи сармоякунонӣ ҳастанд.

## 4.14 ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДДӢ

Дороиҳои ғайримоддӣ аз таъмини барномаҳои компютерӣ ва иҷозатномаҳои онҳо, ҳамчунин фаъолияте, ки анҷом доданаш иҷозатномаро талаб мекунад, иборат мебошанд.

Дороиҳои ғайримоддие, ки алоҳида харида шудаанд, дар аввал аз рӯи арзиши воқеӣ, ба ҳисоб гирифтани ислоҳдорорӣ доир ба гиперинфлятсия, баҳогузорӣ мешаванд. Баъд аз эътирофи аввалин ин дороиҳо аз рӯи арзиши воқеӣ, ҳисоб кардани истеҳлок ва зарарҳои аз беқурбшавӣ ҷамъшуда инъикос мегарданд. Мӯҳлати истифодаи фоиданоки ин дороиҳо маҳдуд аст ва истеҳлокашон дар ҳамин муддат анҷом дода мешавад, ки аз 3 то 10 солро ташкил медиҳад ва дар ҳолати мавҷудияти аломати имкон доштани беқурбшавии дороии ғайримоддӣ, он дар баробари беқурбшавӣ аз таҳлил гузаронида мешавад.

## 4.15 НАФАҚА ВА ДИГАР ИМТИЁЗҲО БА КОРМАНДОН

Фонд, ба ғайр аз иштирок дар низоми давлатии таъмини нафақаи ҶТ, ки ҳисоби аъзоҳақии ҷории корфарморо ҳамчун фоиз аз пардохтҳои умумии ҷорӣ ба кормандон пешбинӣ намудааст, дигар нақшаи иловаи таъмини нафақаро надорад. Ин хароҷот дар ҳисоботи даврае, ки музди меҳнати муайян дахл дорад, нишон дода мешавад. Ба ғайр аз ин, Фонд, барои кормандони фаъолияташон анҷомёфта, имтиёзҳои назаррас надорад.

## 4.16 ЗАХИРАИ УМУМӢ

*Захираи умумӣ*

Фонд барои амалиётҳои оянда захира эҷод мекунад, ки мувофиқи қарори Шӯрои Сарпарастон бо тарҳи ҳатмии солона ташкил карда мешавад. Ин захира танҳо барои пӯшонидани зарари Фонд ҳангоми набудани маблағҳои дигар пешбинӣ шудааст. Шартнома оид ба истифодаи фонди захиравӣ, инчунин аз ҷониби Шӯрои Сарпарастон пас аз тасдиқи пешакии ҳисоботи солона қабул карда мешавад.

*Дивидендҳо*

Дивидендҳо ҳамчун ӯҳдадорӣ, танҳо дар ҳолате эътироф мешаванд ва дар санаи ҳисоботдҳӣ аз маблағи сармоя тарҳ мегарданд, агар онҳо то санаи ҳисоботдиҳӣ, эълон шуда бошанд. Маълумот дар бораи дивидендҳо дар ҳисоботдиҳӣ кушода мешавад, агар ин дивидендҳо то санаи ҳисоботдиҳӣ тавсия шуда бошанд, ҳамчунин тавсия шудану эълон гардиданашон метавон пас аз санаи ҳисоботдиҳӣ сурат гирад, лек то санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ бояд ба анҷом бирасад.

## 4.17 ДОРОИҲО ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ШАРТӢ

Ӯҳдадориҳои шартӣ, дар ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ инъикос намешаванд, дар ҳоле ки, маълумот дар бораи онҳо дар ҳисоботи молиявӣ дода мешавад, ба истиснои ҳолатҳо, вақте ки, хориҷ шудани маблағ дар алоқамандӣ бо пардохти ин ӯҳдадориҳо, дар рости имконияти камтарин қарор дорад. Дороиҳои шартӣ, дар ҳисоботи ҳолати молиявӣ инъикос намешаванд, дар ҳоле ки, маълумот дар бораи онҳо дар ҳисоботи молиявӣ, дар ҳолатҳое дода мешавад, вақте ки гирифтани фоидаҳои иқтисодӣ дар алоқамандӣ бо онҳо имконпазир аст.

## 4.18 ЭЪТИРОФИ ДАРОМАДУ ХАРОҶОТ

Даромад эътироф мегардад, агар эҳтимоли зиёд вуҷуд дошта бошад, ки Фонд фоидаҳои иқтисодӣ ба даст хоҳад овард ва агар баҳогузории даромад мумкин боэътимод бошад. Барои дар ҳисоботи молиявӣ эътироф намудани даромад, меъёрҳои зерин бояд ба иҷро расанд:

*Даромаду хароҷоти фоизӣ ва ба он монанд*

Оид ба ҳама усулҳои молиявӣ, ки аз рӯи арзиши истеҳлокӣ баҳогузорӣ мешаванд ва усулҳои молиявии фоиздор, ки ба сифати тиҷоратшаванда тасниф шудаанду барои фурӯш дар нақд

вуҷуд доранд, фоизи даромаду хароҷот аз рӯи қурби фоизи самаранок инъикос мегардад. Ҳангоми дисконткунии ин инструментҳо, пардохтҳои пул, ки дар оянда интизор аст ё воридшавии пул дар давоми мӯҳлати пешбинишудаи истифодаи усули молиявӣ ё дар давоми вақти камтар дар ҷое, ки қобили қабул аст, арзиши софи тавозунии дороӣ ё ӯҳдадории молиявӣ дақиқан оварда мешавад. Ҳангоми ҳисобкунӣ ҳама шартҳои созишномавии таааллуқи усули молиявӣ ба эътибор гирифта мешаванд (масалан, ҳуқуқи пеш аз мӯҳлат пардохтан) ва хароҷоти комиссионӣ ё иловагӣ, ки бо усул бевосита алоқамандӣ доранд ва ҷузъи ҷудонашавандаи қурби фоизи самаранок мебошанд, лек зарариояндаи қарзҳо ҳисоб карда намешавад. Арзиши тавозунии дороӣ ё ӯҳдадории молиявӣ, дар ҳолати аз ҷониби Фонд аз нав баррасӣ намудани баҳодиҳии пардохтҳо ё дохил шудани пул ислоҳ карда мешавад. Арзиши тавозунии ислоҳшуда, дар асоси қурби фоизи самараноки аввалин ҳисоб карда мешавад, тағйироти арзиши тавозунӣ бошад, ҳамчун фоизи даромад ё хароҷот инъикос мегардад.

Дар ҳолати паст рафтани арзиши дороии молиявӣ ё гурӯҳи дороиҳои молиявии монанд, ки дар натиҷаи беқурбшавӣ рух додааст ва дар ҳисоботи молиявӣ инъикос ёфтааст, эътибори даромадҳои фоиз аз рӯи қурби фоизи самараноки аввалин дар асоси арзиши тавозунии нав давом мекунад.

4.19 АЗ НАВ ҲИСОБ КАРДАНИ АСЪОРИ ХОРИҶӢ

Ҳисоботи молиявӣ ба ҳазор сомонӣ пешниҳод шудааст, ки он асъори амалиётӣ (функсионалӣ) ва асъори пешниҳоди ҳисоботдиҳии Фонд мебошад. Амалиёт бо асъори хориҷӣ, аввал ба асъори корӣ аз рӯи қурби БМТ, ки дар санаи амалиёт амал мекунад, ҳисоб карда мешавад. Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои пулӣ (монетарӣ), ки ба асъори хориҷӣ ифода шудаанд аз рӯи қурби табодули дар санаи ҳисоботдиҳӣ амалкунанда, ба асъори корӣ ҳисоб карда мешаванд. Даромаду хароҷот, ки ҳангоми амалиёти ҳисобкунии асъори хориҷӣ пайдо мешаванд, дар ҳисоботи даромаду зарар мувофиқи моддаи «Даромадҳои соф аз амалиёт бо асъори хориҷӣ» инъикос мегарданд. Моддаҳои ғайримонетарӣ, ки мувофиқи арзиши воқеӣ дар асъори хориҷӣ инъикос шудаанд, аз рӯи қурби табодули санаи амалиёт ҳисоб карда мешаванд.

Дар поён қурбҳои расмии солонаи Фонд, ки дар таҳияи ҳисоботи молиявӣ истифода шудаанд, оварда шудаанд:

| | **Дар санаи 31 декабри соли 2020** | Дар санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| Сомонӣ/1 доллари Амрико | **11.3000** | 9.6872 |
| Сомонӣ/1 рубли русӣ | **0.1506** | 0.1560 |

## 5) БАҲОГУЗОРИИ МУҲИМ ВА МУҲОКИМАИ КАСБӢ ДАР ТАТБИҚИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ, ГУЗАШТАН БА СТАНДАРТҲО ВА ТАВЗЕҲОТИ НАВ Ё ТАҶДИДШУДА, АЗНАВТАСНИФКУНӢ

Тағйиротҳо дар стандартҳои дар поён овардашуда аз 1 январи соли 2020 татбиқпазир гардиданд, вале таъсири амалиро барои Фонд нарасониданд:

- Тағйиротҳо ба СБҲМ (IFRS) 3 «Муайянкунии тиҷорат» муайян мекунанд, ки барои баррасӣ кардани тиҷорат, маҷмӯи фаъолиятҳо ва дороиҳо бояд ҳадди аққал саҳмияҳо ва як раванди дорои принсипи муҳимро дар бар гиранд, ки дар якҷоягӣ метавонанд ба эҷоди натиҷаҳо ба таври назаррас мусоидат кунанд. Он инчунин равшан мекунад, ки тиҷорат набояд ҳама вурудот ва равандҳои барои тавлиди натиҷаҳо заруриро дар бар гирад. Ин тағйиротҳо ба ҳисоботи молиявии Фонд бетаъсир намондаанд, аммо

метавонанд дар оянда татбиқ карда шаванд, агар Фонд дар муттаҳидсозии тиҷорат қарор гирад.

- Тағйиротҳо ба СБҲМ (IFRS) 7, СБҲМ (IFRS) 9 ва СБҲМ (IAS) 39 – «Ислоҳоти асосии меъёри фоизӣ» як қатор имтиёзҳоро пешниҳод мекунанд, ки ба ҳамаи муносибатҳои хеҷиркунӣ дахл доранд, ки бевосита аз ислоҳоти фоизҳо таъсир мерасонанд. Ислоҳоти меъёри фоизӣ ба муносибатҳои хеҷиркунӣ таъсир мерасонад, агар дар натиҷа он номуайянӣ дар бораи вақт ва/ё ҳаҷми гардиши пули нақдро дар асоси фоизи меъёр барои банд ё асбоби хеҷиркунӣ ба вуҷуд орад.

- Тағйиротҳо ба СБҲМ (IAS) 1 ва СБҲМ (IAS) 8 – «Муайянкунии моддӣ» таърифи нави аҳамиятро пешниҳод мекунанд, ки тибқи он "... Маълумот муҳим аст, агар беэътиноӣ, иштибоҳ ё пинҳон кардани он ба истифодабарандагони асосии ҳисоботи молиявӣ, ки онҳо дар асоси зерин ҳисоботи молиявиро қабул мекунанд, ки маълумоти молиявиро дар бораи шахси мушаххаси ҳисоботдиҳанда пешниҳод мекунанд".
  Тағйиротҳо муайян мекунанд, ки аҳамият аз хусусият ё миқдори иттилоот (алоҳида ё дар якҷоягӣ бо дигар маълумот гирифта мешавад) дар заминаи ҳисоботи молиявӣ дар маҷмӯъ вобастагӣ дорад. Хатогиҳо дар ҳолате муҳиманд, ки агар онҳо метавонанд ба қарорҳои корбарони ибтидоии ҳисоботи молиявӣ таъсир расонанд.

- Тағйиротҳо ба СБҲМ (IFRS) 16 – «Имтиёзҳои иҷоравӣ марбут ба пандемияи Covid-19» 28 майи соли 2020 Шӯрои СБҲМ ба СБҲМ (IFRS) 16 "Иҷора" - «Имтиёзҳои иҷоравӣ марбут ба пандемияи Covid-19» ислоҳот ворид кард. Тағйирот барои иҷорагирон барои татбиқи талаботҳои СБҲМ 16 барои ҳисоб кардани тағйирот ба иҷора дар сурати имтиёзҳои иҷора, ки дар натиҷаи пандемияи Covid-19 ба вуҷуд омадаанд, пешбинӣ мекунад. Ҳамчун осонии амалиёт, иҷоранишин метавонад интихоб кунад, ки оё имтиёзи иҷора, ки аз тарафи иҷорадеҳ дар робита бо пандемияи Covid-19 пешниҳод шудааст, тағйирёбии шартномаи иҷора бошад. Иҷорагир, ки инро интихоб мекунад, бояд ҳама гуна тағйиротро дар пардохтҳои иҷора, ки вобаста ба имтиёзи иҷора марбут ба пандемияи Covid-19 бармеояд, ба ҳисоб гирад, ҳамон тавре ки ин тағйирот тибқи СБҲМ (IFRS) 16 ба ҳисоб гирифта мешуд, агар он тағйирёбии шартномаи иҷора набошад.

Ин стандартҳо ва тағйиротҳои нав ба вазъи молиявӣ ва фаъолияти Фонд таъсири моддӣ намерасонанд.

## 6) ТАҒЙИРЁБИИ СИЁСАТҲОИ БАҲИСОБГИРӢ ДАР ОЯНДА

Стандартҳои нав ё тағйиршудаи зерин, чӣ тавре ки дар назар аст, таъсири назаррасро ба ҳисоботи молиявии Фонд намерасонанд:

- Тағйирот ба СБҲМ 1: Гурӯҳбандии ӯҳдадориҳои дарозмуддат ё кӯтоҳмуддат дар моҳи январи соли 2020, СБҲМ ба бандҳои 69 то 76-и СБҲМ 1 тағирот ворид намуд, ки талаботро ба гурӯҳбандии ӯҳдадориҳо ҳамчун дарозмуддат ё кӯтоҳмуддат муайян мекунад. Тағйиротҳо тавзеҳ медиҳанд, ки:
  - Ҳуқуқи ба таъхир гузоштани ҳалли масъалаҳо чӣ маъно дорад.
  - Ҳуқуқи ба таъхир гузоштан бояд дар охири давраи ҳисоботӣ вуҷуд дошта бошад.
  - Ба ин таснифот эҳтимолияти татбиқи ҳуқуқи ба таъхир гузоштан бетаъсир намемонад.
  - Ин танҳо дар сурате, ки ҳосилаи дохилшуда дар ӯҳдадориҳои конвертатсияшаванда худ воситаи саҳмия бошад, агар шартҳои ӯҳдадориҳо ба таснифи он таъсир нарасонанд.

  Тағйирот барои давраи ҳисоботи солона эътибор дорад, ки аз 1 январи соли 2023 ё баъд аз он сар мешавад ва бояд ретроспективӣ татбиқ карда шавад. Фонд айни замон таъсири ислоҳҳоро ба амалияи кунунӣ арзёбӣ мекунад ва шартномаҳои қарзии мавҷуда метавонад гуфтушунидро талаб кунанд.

- Воситаҳои асосӣ: Маблағе, ки пеш аз истифодаи мақсаднок ворид шудааст - Тағйирот ба СБҲМ 16 Дар моҳи майи соли 2020, СБҲМ амволи асосӣ - даромадҳоеро, ки пеш аз истифодаи мақсаднок доранд, нашр кард, ки аз ҳисоби ашёи асосӣ тарҳ кардани субъектҳоро манъ мекунад. Ҳама гуна даромадҳо аз фурӯши ашёи истеҳсолшуда ҳангоми интиқол додани ин дороиҳо ба ҷойгоҳ ва ҳолати зарурӣ, ки он метавонад бо усули пешбинишудаи Роҳбарият кор кунад. Ба ҷои ин, ташкилот даромади фурӯши чунин ашё ва хароҷоти истеҳсоли ин ашёро ба фоида ё зарар эътироф мекунад. Тағйирот барои давраҳои ҳисоботии солона аз 1 январи соли 2022 сар мешавад ё пас аз он бояд ба тариқи ретроспективӣ ба ашёи асосӣ, ки барои истифода дар он ё пас аз оғози давраи пешин, ки ҳангоми бори аввал Фонд ислоҳотро пешниҳод кардааст, татбиқ карда шавад.
- СБҲМ 9 Воситаҳои молиявӣ - Боҷҳо дар санҷиши “10 фоиз” барои бекор кардани ӯҳдадориҳои молиявӣ. Дар доираи такмили солонаи стандартҳои СБҲМ солҳои 2018-2020, IASB ба СБҲМ 9 тағйирот ворид кард. Тағйирот пардохтҳоеро муайян менамояд, ки ташкилот ҳангоми арзёбии шартҳои ӯҳдадориҳои молиявии нав ё тағйирёфта аз шартҳои масъулияти аслии молиявӣ фарқ кунад. Ба ин пардохтҳо танҳо он пардохтҳое дохил мешаванд, ки байни қарзгиранда ва қарздиҳанда пардохтаанд ё гирифтаанд, аз ҷумла пардохтҳое, ки аз ҷониби дигар қарзгиранда ё қарздиҳанда пардохт шудааст ё гирифтааст. Фонд ислоҳотро ба ӯҳдадориҳои молиявие татбиқ мекунад, ки тағйир дода мешаванд ё иваз карда мешаванд ё пас аз оғози давраи ҳисоботи солона, ки дар он Фонд бори аввал ислоҳотро истифода мебарад. Тағйирот барои давраҳои ҳисоботи солона аз 1 январи соли 2022 сар карда ё пас аз он қабул карда мешавад ва қабули қаблӣ иҷозат дода шудааст. Фонд ислоҳҳоро ба ӯҳдадориҳои молиявие татбиқ мекунад, ки тағйир дода мешаванд ё дар оғози давраи ҳисоботи солона, ки дар он Фонд бори аввал ислоҳотро татбиқ мекунад, иваз карда мешаванд.

## 7) ҚАЗОВАТУ БАҲОДИҲИИ НАЗАРРАСИ ҲИСОБДОРӢ

Барои истифода намудани сиёсати ҳисобдории Фонд, Роҳбарият қазовати худро ба кор бурдааст ва нисбати муайянкунии маблағҳо баҳо медиҳад, ки дар ҳисоботи молиявӣ эътироф гардидааст.

Дар поён истифодаи аз ҳама назарраси ин қазовату баҳодиҳӣ оварда шудааст:

*Арзиши ҳаққонии усулҳои молиявӣ*
Агар муайян кардани арзиши ҳаққонии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявӣ, ки дар ҳисоботи ҳолати молиявӣ инъикос гардидааст, дар асоси нархҳои бозори фаъол номумкин бошад, он гоҳ ин арзиш аз тариқи истифодаи моделҳои гуногуни баҳодиҳӣ, ки аз моделҳои математикӣ низ иборат аст, муайян хоҳад гашт.

Барои чунин моделҳо, маълумоти ибтидоӣ дар асоси бозори мушоҳидашаванда муайян карда мешавад, агар чунин кор имкон дошта бошад; дар акси ҳол, барои муайян намудани арзиши ҳаққонӣ истифодаи қазоват зарур аст.

*Захира таҳти беқурбшавии қарзҳо ва ҳисобнома барои бадасторӣ*
Фонд мунтазам таҳлили қарзҳо ва қарздории дебиториро вобаста ба беқурбшавӣ мегузаронад. Бо дарназардошти таҷрибаи мавҷуда, Фонд муҳокимаи субъективии худро ҳангоми баҳогузорӣ намудани зарар аз беқурбшавӣ дар вазъияте, ки қарзгиранда душвориҳои молиявиро аз сар мегузаронад ва ҳаҷми кофии маълумоти воқеӣ дар бораи қарздорони ҳамшабеҳ вуҷуд надорад.

Фонд бо шакли ҳамшабеҳ тағйироти гардиши воситаҳои пулиро дар асоси маълумоти назоратшаванда, ки ба тағйироти ногувор дар вазъи адонамоии ӯҳдадориҳои қарзгиранда дар ҳайати гурӯҳ ишора менамояд ва ё тағйироти шартҳои иқтисодии давлатӣ ва ё маҳаллӣ, ки бо ҳодисаҳои иҷро накардани ӯҳдадориҳо аз рӯи дороиҳо дар ҳайати гуруҳи мазкур мувофиқат менамояд, баҳогузорӣ менамояд.

Роҳбарият баҳоеро истифода менамояд, ки он дар маълумотҳои таърихӣ дар бораи сохтори зарарҳо нисбати дороиҳо бо хусусияти ҳамшабеҳи хатари қарзӣ ва аломатҳои объективии беқурбшавӣ аз руи гурӯҳҳои қарзӣ ва қарздории дебиторӣ асос ёфтааст. Бо дарназардошти таҷрибаи мавҷуда, Фонд муҳокимаронии субъективии худро ҳангоми ислоҳнамоии маълумоти назоратшавандаи нисбати гурӯҳҳои қарздорон ва ё қарзи дебиторӣ барои инъикоси вазъияти ҷорӣ татбиқшаванда, истифода менамояд.

## 8) ДАРОМАДИ ФОИЗӢ

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| **Даромадҳои фоизӣ аз рӯи дороиҳои молиявие, ки бо арзиши истеҳлокшуда баҳо дода мешаванд** | | |
| Даромадҳои фоизӣ аз қарзҳо ба мизоҷон | **3,673** | 3,586 |
| - дороиҳои молиявии беқурбнашуда | **3,531** | 3,447 |
| - дороиҳои молиявии беқурбшуда | **142** | 139 |
| Даромади фоизӣ аз пасандозҳои мӯҳлатнок | **15** | 323 |
| **Ҳамагӣ даромадҳои фоизӣ** | **3,688** | 3,909 |

## 9) ХАРОҶОТИ КОМИССИОНӢ

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| Кушодан ва хизматрасонӣ намудани суратҳисобҳои муросилотӣ | **24** | 84 |
| Амалиётҳои хазинавӣ | **13** | 14 |
| Ғайраҳо | **-** | 2 |
| **Ҳамагӣ хароҷоти комиссионӣ** | **37** | 100 |

## 10) ДАРОМАДИ СОФ АЗ АМАЛИЁТҲОИ МУБОДИЛАИ АСЪОРИ ХОРИҶӢ

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| Фарқият аз амалиётҳо бо асъори хориҷӣ, соф | **226** | 107 |
| Амалиётҳои дилингӣ, соф | **(1)** | (2) |
| **Ҳамагӣ** | **225** | 105 |

## 11) ДАРОМАДҲОИ ДИГАР

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| **Дигар даромадҳо** | | |
| Барқароркунии дороиҳои хориҷшуда | **261** | 204 |
| Иҷора | **1** | 2 |
| Ғайра | **2** | 0 |
| **Ҳамагӣ дигар даромадҳо** | **264** | 206 |
| | | |
| **Дигар хароҷотҳо** | | |
| Талафоти ихтиёрдории амвол ва таҷҳизот | **-** | 11 |
| Зарар аз фурӯши амволи гарав | **7** | - |
| Ғайра | **1** | 23 |
| **Ҳамагӣ дигар хароҷотҳо** | **8** | 34 |
| | **256** | 172 |

## 12) ХАРОҶОТҲОИ АМАЛИЁТӢ

Хароҷоти амалиётии Фонд барои солҳое, ки 31 декабри 2020 ва 2019 ба охир расидаанд, чунин аст:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| Музди меҳнат ва мукофотпулиҳо | **1,957** | 1,325 |
| Истеҳлок ва фарсудашавӣ | **558** | 350 |
| Фонди иҷтимоӣ | **489** | 335 |
| Хадамоти ҳуқуқӣ ва дигар хизматрасониҳои касбӣ | **407** | 431 |
| Андозҳо, ба ғайр аз андоз аз фоида | **181** | 314 |
| Хайрия ва саҳмҳои хайриявӣ | **62** | 14 |
| Хидматрасонӣ | **56** | 36 |
| Намояндагӣ | **54** | 151 |
| Таъмири амвол ва таҷҳизот | **32** | 47 |
| Алоқа | **24** | 21 |
| Иҷора | **21** | 110 |
| Сӯзишворӣ | **19** | 29 |
| Молҳои конселярӣ | **19** | 17 |
| Сафарҳои хизматӣ | **11** | 118 |
| Реклама | **10** | 10 |
| Таъмини бехатарӣ | **5** | 7 |
| Ҷаримаҳо ва ҷубронпулиҳо | **3** | 60 |
| Барқароркунӣ / ҳисобкунии маблағ барои рухсатиии истифоданашуда | **3** | (2) |
| Ғайра | **115** | 124 |
| **Ҳамагӣ хароҷоти амалиётӣ** | **4,026** | 3,497 |

Ба санаи ҳисоботӣ Фонд барои бинои марказҳои хизматрасонӣ ду шартномаи иҷора дорад. Фонд аз эътирофи ҳуқуқи истифодаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои иҷора тибқи шартномаҳои иҷора озод карда шудааст, зеро ин шартномаҳо на зиёда аз 12 моҳро дар бар мегиранд ва Фонд нияти дароз кардани онҳоро надорад.

## 13) АНДОЗ АЗ ФОИДА

Фонд андози ҷории пардохтшаванда ва манбаи андози онро дар доираи дороиҳо ва ӯҳдадориҳо мутобиқи талаботи андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки метавонанд аз СБҲМ фарқ кунанд, чен мекунад ва ба қайд мегирад. Дар давоми соле, ки 31 декабри соли 2020 ба охир расид, меъёри андоз аз фоида барои шахсони ҳуқуқӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 23% баробар мебошад, аммо на камтар аз 1% аз даромади умумии Фондро ташкил медиҳад.

Бо назардошти тарҳ кардани андоз аз хароҷоти ҳатмӣ ва даромади ҳатмӣ, ки барои мақсадҳои андозбандӣ ҳамчун андозбандишаванда ҳисобида мешаванд, ба Фонд таҳти фарқиятҳои муайяни андоз гузошта мешавад.

Андозҳои ба таъхир гузошташуда таъсири софи андози фарқиятҳои муваққатӣ байни арзиши тавозунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳоро барои ҳисоботи молиявӣ ва маблағҳое, ки барои мақсадҳои андозбандӣ истифода мешаванд, инъикос мекунанд. Тафовутҳои муваққатӣ ба санаи 31 декабри 2020 ва 2019 асосан ба усулҳои гуногуни эътирофи даромадҳо ва хароҷотҳо ва инчунин ба фарқиятҳои муваққатии фарқиятҳои дороиҳои муайян вобастаанд.

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| Хароҷот доир ба андоз аз фоидаи ҷорӣ | **70** | 353 |
| Барқарорнамоии / (ҳисобкунӣ) хароҷотҳо аз рӯи андоз аз фоидаи мафқуфгузошта | **61** | 192 |
| **Ҳамагӣ хароҷоти андоз аз фоида** | **131** | 545 |

Таносуб байни хароҷот оид ба пардохти андозҳо ва фоида аз рӯи баҳисобгирии муҳосибӣ барои солҳое, ки 31 декабри солҳои 2019 ва 2018 ба охир мерасанд, дар шакли зерин пешниҳод шудаанд:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Барои соле, ки 31 декабри 2020 с. анҷом ёфтааст** | **Меъёри самараноки андоз** | Барои соле, ки 31 декабри 2019 с. анҷом ёфтааст | Меъёри самараноки андоз |
|---|---|---|---|---|
| Фоида то андозбандӣ | (210) | | 1,266 | |
| Андоз аз рӯи меъёри муқарраршуда | (48) | 23% | 291 | 23% |
| Таъсири андозӣ аз фарқияти мунтазам | 179 | -95% | 254 | 20% |
| **Ҳамагӣ хароҷоти андоз аз фоида** | 131 | -72% | 545 | 43% |

Таъсири андози фарқиятҳои доимӣ дар натиҷаи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба тарҳҳои иҷозатдодашуда ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз аз андози даромад ба амал меояд. Аз ҷумла, фарқиятҳои доимӣ бо маҳдуд кардани тарҳҳо барои хароҷоти кумакпулӣ аз ҳисоби қарз, ҷаримаҳо ва ҷубронҳо ба буҷаи давлат, хароҷоти суғуртаи ихтиёрӣ ва иҷимоӣ алоқамананд.

Таъсири андозии фарқиятҳои муваққатӣ ба санаи 31 декабри соли 2020 ва 2019 ба тариқи зайл пешниҳод карда шудааст:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| **Дороии мавқуфгузоштаи андоз аз фоида:** | | |
| Захира барои рухсатии истифоданашуда | **49** | 54 |
| Захира барои беқурбшавии қарзҳои дебиторӣ | **436** | 436 |
| Захира барои талафоти эҳтимолии қарзҳо ба мизоҷон | **165** | 320 |
| Захира барои зарарҳои эҳтимолии қарзӣ аз ҷониби бонкҳо | **-** | 69 |
| **Ҳамагӣ андоз аз фоидаи мавқуфгузошта** | **650** | 879 |
| | | |
| **Ӯҳдадориҳои мавқуфгузошта аз рӯи андоз аз фоида** | | |
| Истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | **39** | **-** |
| **Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои мавқуфгузошта аз рӯи андоз аз фоида** | **39** | **-** |
| Дороии андоз аз фоидаи софи мавқуфгузошта | **611** | 879 |
| Дороии андоз аз фоидаи софи мавқуфгузошта (бо меъёри муқаррар 23%) | **141** | 202 |

Тафовутҳои муваққатӣ байни баҳисобгирии андоз ва ҳисоботи молиявии ҷорӣ, инчунин зарари андоз боиси ба таъхир афтодани дороиҳои андоз дар санаи 31 декабри 2020 ва 2019 дар натиҷаи зайл мегардад:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | Ба 31 декабри соли 2019 | **Дар ҳисоботи фоида ва зарар эътирофшуда** | **Ба 31 декабри соли 2020** |
|---|---|---|---|
| **Тафовутҳои муваққатӣ:** | | | |
| Захира барои рухсатии истифоданашуда | 12 | (1) | **11** |
| Захира барои беқурбшавии талафоти қарзӣ | 100 | - | **100** |
| Захира барои воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | - | (8) | **(8)** |
| Захира барои талафоти эҳтимолии қарзҳо ба мизоҷон | 16 | (16) | **-** |
| Захира барои зарарҳои эҳтимолии қарзӣ аз ҷониби бонкҳо | 74 | (36) | **38** |
| **Ҳамагӣ андоз аз фоидаи мавқуфгузошта** | 202 | (61) | **141** |

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | Ба 31 декабри соли 2018 | Дар ҳисоботи фоида ва зарар эътирофшуда | Ба 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|---|
| **Тафовутҳои муваққатӣ:** | | | |
| Захира барои рухсатии истифоданашуда | 13 | (1) | 12 |
| Захира барои беқурбшавии талафоти қарзӣ | 92 | 8 | 100 |
| Захира барои воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 45 | (45) | - |
| Захира барои талафоти эҳтимолии қарзҳо ба мизоҷон | 244 | (228) | 16 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Захира барои зарарҳои эҳтимолии қарзӣ аз ҷониби бонкҳо | - | 74 | 74 |
| **Ҳамагӣ андоз аз фоидаи мавқуфгузошта** | 394 | (192) | 202 |

## 14) ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2020 ва 2019 воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо, ки дар ҳисобот оиди вазъи молиявӣ пешниҳод гардидаанд, ҷузъҳои зеринро фаро мегиранд:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ дар хазина | **9** | - |
| Суратҳисобҳои ҷорӣ дар дигар бонкҳо (Эзоҳи 15) | **195** | 289 |
| **Ҳамагӣ воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо** | **204** | 289 |

## 15) ВОСИТАҲО ДАР ДИГАР ТАШКИЛОТҲОИ МОЛИЯВӢ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2020 ва 2019 воситаҳо дар бонкҳо ба тариқи зайл пешниҳод гардиданд:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| Пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ | **-** | 3,875 |
| Суратҳисобҳои ҷорӣ дар бонкҳо | **195** | 289 |
| Захираи камтар барои беқурбшавии талафоти қарзӣ | **-** | (74) |
| **Ҳамагӣ воситаҳо дар дигар ташкилотҳои молиявӣ** | **195** | 4,090 |

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| Пасандозҳо дар ҶСК "Бонки Эсхата" бо доллари ИМА | **-** | 3,875 |
| **Ҳамагӣ** | **-** | 3,875 |
| Суратҳисоби муросилотӣ дар ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» бо сомонӣ | **79** | 153 |
| Суратҳисоби муросилотӣ дар ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» бо доллари ИМА | **98** | 2 |
| Суратҳисоби муросилотӣ дар ҶСК "Бонки Эсхата" бо сомонӣ | **12** | 128 |
| Суратҳисоби муросилотӣ дар ҶСК "Бонки Эсхата" бо доллари ИМА | **6** | 6 |
| **Ҳамагӣ** | **195** | 289 |
| | **195** | 4,164 |

## 16) ҚАРЗҲО БА МИЗОҶОН

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2020 ва 2019, қарзҳо ба мизоҷон дар шакли зерин пешниҳод шудаанд:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| Қарзҳо ба мизоҷон | **15,422** | 18,556 |
| Қарзҳои аз нав дида баромадашуда ва мӯҳлаташон гузашта | **4,813** | 3,253 |
| Фоизҳо барои гирифтан | **212** | 181 |
| Захира барои беқурбшавии талафоти қарзӣ | **(1,650)** | (1,253) |
| **Ҳамагӣ қарзҳо ба мизоҷон** | **18,797** | 20,737 |

Ҳаракати захира барои беқурбшавии талафоти қарзӣ ба мизоҷон солҳое, ки 31 декабри соли 2020 ва 2019 ба анҷом расиданд, чунин аст:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Беқурбшавии алоҳида** | **Беқурбшавии умумӣ** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|
| Ба 31 декабри соли 2018 | 897 | - | 897 |
| Ҳисобидан | 494 | - | 494 |
| Хориҷкунӣ | (138) | - | (138) |
| Ба 31 декабри соли 2019 | 1,253 | - | 1,253 |
| Ҳисобидан | 1,095 | - | 1,095 |
| Хориҷкунӣ | (698) | - | (698) |
| **Ба 31 декабри соли 2020** | **1,650** | **-** | **1,650** |

Фонд қарзҳоро ба мизоҷон барои рушди тиҷорати хурд пешниҳод мекунад. Дар зер тақсимоти қарзҳо аз рӯи соҳаҳо оварда шудааст:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| Ипотека | **10,221** | 10,931 |
| Қарзи истеъмолӣ | **5,746** | 5,856 |
| Савдо | **2,000** | 2,747 |
| Хизматрасонӣ | **1,000** | 1,866 |
| Хоҷагии қишлоқ | **1,480** | 350 |
| Истеҳсол | **-** | 240 |
| Захира барои беқурбшавии талафоти қарзӣ | **(1,650)** | (1,253) |
| **Ҳамагӣ** | **18,797** | 20,737 |

Дар ҷадвали зерин арзиши тавозунии қарзҳо ба мизоҷон, ки аз рӯи намудҳои гарав таҳлил шудаанд, оварда шудааст:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| Амволи ғайриманқул | **11,677** | 12,980 |
| Қарзҳои таъминнашуда | **7,336** | 6,529 |
| Воситаи нақлиёт | **1,292** | 1,729 |
| Кафолат | **-** | 512 |
| Ғайра | **142** | 240 |

| | | |
|---|---|---|
| Захира барои беқурбшавии талафоти қарзӣ | **(1,650)** | (1,253) |
| **Ҳамагӣ** | **18,797** | 20,737 |

## 17) САРМОЯГУЗОРӢ БАРОИ ФУРӮШ

Сармоягузориҳое, ки ба фурӯш баронарда мешаванд, ба санаи 31 декабри соли 2020 ва 2019 аз инҳо иборатанд:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» | **91,712** | 87,182 |
| **Ҳамагӣ сармоягузорӣ барои фурӯш** | **91,712** | 87,182 |

27 сентябри соли 2019 Бонки миллии Тоҷикистон бо Фармони №121 Дастурамали №239 «Дар бораи талаботи сармоягузории ташкилотҳои қарзӣ ба сармояи дигар шахсони ҳуқуқӣ»-ро тасдиқ кард, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами №995 дар санаи 6 декабри соли 2019 ба қайд гирифтааст.

Тибқи ин дастурамал, барои ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд нигоҳдорӣ ва сармоягузорӣ ба саҳмияҳо (ҳиссаҳо), вомбаргҳое, ки ба саҳмияҳои конвертатсияшаванда барои шахсони ҳуқуқии дигар, аз ҷумла ба дигар ташкилотҳои қарзӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ манъ карда шудааст. Дар санаи 31 декабри соли 2020 ва 2019 саҳмияҳои оддии ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ" дар ҳаҷми 43,55% ба Фонд тааллуқ доштанд.

Ҳаракат дар амалиётҳои қатъшуда барои солҳое, ки 31 декабри 2020 ва 2019 ба охир расидааст, дар зер оварда шудааст:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | |
|---|---|
| Ба 31 декабри соли 2018 | 76,045 |
| Ҳиссаи Фонд дар фоидаи ширкати шарикӣ дар як сол | 11,137 |
| Тавозуни фаъолияти қатъшуда ба 31 декабри соли 2019 | 87,182 |
| **Ҳиссаи Фонд дар фоидаи ширкати шарикӣ дар як сол** | **4,530** |
| **Тавозуни фаъолияти қатъшуда ба 31 декабри соли 2020** | **91,712** |

## 18) ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Бино ва иншоот** | **Мебел, таҷҳизоти корхона** | **Воситаи нақлиёт** | **Дороиҳои ғайримоддӣ** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| Ба 31 декабри соли 2018 | - | 230 | 107 | 163 | 500 |
| Воридот | 6,847 | 670 | - | - | 7,517 |
| Содирот | - | (29) | - | - | (29) |
| Ба 31 декабри соли 2019 | 6,847 | 871 | 107 | 163 | 7,988 |
| Воридот | **1,896** | **68** | **-** | **-** | **1,964** |
| Содирот | **-** | **(39)** | **-** | **-** | **(39)** |
| **Ба 31 декабри соли 2020** | **8,743** | **900** | **107** | **163** | **9,913** |
| **ИСТЕҲЛОКИ ҶАМЪШУДА** | | | | | |
| Ба 31 декабри соли 2018 | - | 110 | 47 | - | 157 |
| Ҳаққи истеҳлок | 275 | 50 | 9 | 16 | 350 |
| Содирот | - | (18) | - | - | (18) |
| Ба 31 декабри соли 2019 | 275 | 142 | 56 | 16 | 489 |
| **Ҳаққи истеҳлок** | **417** | **116** | **8** | **17** | **558** |
| **Содирот** | **-** | **(25)** | **-** | **-** | **(25)** |
| **Ба 31 декабри соли 2020** | **692** | **233** | **64** | **33** | **1,022** |
| **АРЗИШИ БАҚИЯВӢ** | | | | | |
| **Ба 31 декабри соли 2020** | **8,051** | **667** | **43** | **130** | **8,891** |
| Ба 31 декабри соли 2019 | 6,572 | 729 | 51 | 147 | 7,499 |
| Ба 31 декабри соли 2018 | - | 120 | 60 | 163 | 343 |

*Маҳдудият нисбати воситаҳои асосӣ*
Ба 31 декабри солҳои 2020 ва 2019, Фонд дорои ягон воситаҳои асосии багаравгузошташуда ва ё маҳдудшуда набуд.

Ба 31 декабри солҳои 2020 ва 2019, Фонд воситаҳои асосии истеҳлокшуда дар ҳаҷми 29 ҳазор сомонӣ ва 60 ҳазор сомонӣ, мутобиқан дорад.

## 19) САҲМ ДАР БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ

Дар моҳи феврали соли 2020, Фонд аз Бонки Миллии Тоҷикистон Иҷозатнома барои гузаронидани амалиёти бонкии исломӣ гирифт (пешниҳоди қарзҳои хурд ва маблағгузорӣ барои бонкдории исломӣ ва бастани амалиётҳои своп ва амалиёти форвардӣ). Инчунин моҳи июни соли 2020 филиали Фонд дар шаҳри Хуҷанд бақайдгирӣ карда шуд (Равзанаи исломӣ) ва аз мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон РМА-ро ба даст овард. Дар тӯли соли 2020, Фонд ба Равзанаи исломӣ барои рушди фаъолияташ 4000 ҳазор сомонӣ ҷудо кард.

## 20) ДИГАР ДОРОИҲО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2020 ва 2019 дороиҳои дигар ба тариқи зайл пешниҳод карда мешаванд:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | Ба санаи 31 декабри соли 2019 |
|---|---|---|
| **Дигар дороиҳои молиявӣ** | | |
| Дороиҳо дар ташкилотҳои барҳамшаванда | **436** | 436 |
| Ғайра | **-** | 1 |
| Захира барои беқурбшавии талафоти қарзӣ | **(436)** | (436) |
| | **-** | 1 |
| **Дигар дороиҳои ғайримолиявӣ** | | |
| Пешпардохти андоз аз фоидаи ҷорӣ | **509** | 383 |
| Хароҷоти пешпардохтшуда | **139** | 24 |
| Ғайра | **48** | 135 |
| Захира барои беқурбшавии талафоти қарзӣ | **-** | - |
| | **696** | 542 |
| | **696** | 543 |

Ҳаракат дар ҷубронпулӣ барои талафоти эҳтимолии қарзӣ дар дороиҳои дигар барои солҳое, ки 31 декабри соли 2020 ва соли 2019 ба охир расидаанд, ба тариқи зайл пешниҳод карда мешавад:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Захира барои талафоти эҳтимолии қарзии бонкҳо** | **Захира барои талафоти эҳтимолии қарзии дороиҳои дарозмуддат барои фурӯш** | **Захира барои талафоти эҳтимолии қарзӣ дар ташкилотҳои барҳамшаванда** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|
| **Ба 31 декабри с. 2018** | **1,132** | **197** | **399** | **1,728** |
| Ҳисобкунӣ | **-** | **-** | **37** | **37** |
| Барқароркунӣ | **(1,058)** | **(150)** | **-** | **(1,208)** |
| Хориҷкунӣ | **-** | **(47)** | **-** | **(47)** |
| **Ба 31 декабри с. 2019** | **74** | **-** | **436** | **510** |
| Ҳисобкунӣ | **-** | **-** | **-** | **-** |
| Барқароркунӣ | **-** | **-** | **-** | **-** |
| Хориҷкунӣ | **(74)** | **-** | **-** | **(74)** |
| **Ба 31 декабри с. 2020** | **-** | **-** | **436** | **436** |

## 21) ЗАХИРАИ УМУМӢ

Дар санаи 31 декабри соли 2020 ва соли 2019 захираи умумии Фонд ба 48,210 ҳазор сомонӣ баробар аст. Ин сармоягузории аввалияи Фонд ба ширкати шарикӣ мебошад.

## 22) САРМОЯИ ОИННОМАВӢ

Фонд аз соли 1999 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад. Фонд ҳамчун ташкилоти ҷамъиятӣ ба қайд гирифта шудааст. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ширкатҳое, ки ҳамчун ташкилоти ҷамъиятӣ ба қайд гирифта шудаанд, сармояи оинномавӣ надоранд.

## 23) ӮҲДАДОРИҲОИ ШАРТӢ

*Ӯҳдадориҳо аз руи хароҷоти сармоявӣ*
Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2020 ва 2019 Фонд ягон ӯҳдадорӣ аз рӯи хароҷоти сармоявӣ надошт.

*Ӯҳдадориҳои қарзӣ, кафолатҳо ва дигар шартномаҳои молиявӣ*
Дар рафти фаъолияти ҷорӣ, Фонд ба мизоҷони худ воситаҳои гуногуни молиявиро, ки дар ҳисобҳои ғайритавозунӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд ва кафолати ҷавобӣ доранд, пешниҳод менамояд.

*Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷораи амалиётӣ*
Дар рафти фаъолияти ҷорӣ, Фонд бинои идоравиро барои филиалҳои худ ба иҷора мегирад. Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2020 ва 2019 Фонд ӯҳдадориҳои амалиро оид ба шартномаҳои қатънагардида вобаста ба иҷораи амалиётӣ надошт.

*Қонунгузории андоз ва баррасиҳои судӣ*
Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳуҷҷатҳои меъёрии зудтағйирёбанда тавсиф карда мешавад, ки дар бисёр ҳолатҳо номуайян, духӯра ва мухолиф мебошанд. Аксар вақт, мақомоти мухталифи танзимкунанда ҳамон муқаррароти санадҳои меъёриро бо тарзҳои гуногун шарҳ медиҳанд.

Роҳбарият боварӣ дорад, ки Фонд тамоми санадҳои меъёриро риоя кардааст ва тамоми ӯҳдадориҳои андозро пурра иҷро кардааст.

Инчунин, дар давоми соли 2020, Фонд нисбат ба 4 қарзгиранда даъво пешниҳод кардааст; парвандаҳои қарзӣ ба манфиати Фонд қонеъ карда шуданд, дар ҳолатҳои дигар қарорҳо баррасӣ шуда истодаанд. Ба ақидаи ҳуқуқшиносони Фонд, қарорҳои оянда оид ба даъвоҳои боқимонда низ ба манфиати Фонд қабул хоҳанд шуд.

*Суғурта*
Соҳаи суғурта дар Тоҷикистон дар марҳилаи рушд қарор дорад ва шаклҳои зиёди суғурта, ки барои бисёр кишварҳои дунё хосанд, алҳол, дар ҳаҷми пурра дастрас нестанд. То вақте ки Фонд суғуртаи пурраро таъмин накунад, таҳдиди хатар боқӣ хоҳад монд ва аз даст додан ё нест шудани дороиҳои муайян ба фаъолият ва ҳолати молиявии Фонд метавон таъсири манфӣ расонад.

*Вазъи иқтисодӣ*
Фаъолияти асосии иқтисодии Фонд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Бо сабаби он, ки қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ба вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиррасон гирифтори тағйироти зуд амалишаванда мебошад, дороиҳо ва амалиётҳои Фонд метавонанд гирифтори хатар дар ҳолатҳои бартарии вазъи сиёсӣ ва иқтисодӣ гарданд.

## 24) АМАЛИЁТҲО БО ТАРАФҲОИ АЛОҚАМАНД

Мутобиқи СБҲМ 24 «Ошкорнамоии маълумотҳои тарафҳои алоқаманд», тарафҳо ҳамон вақт алоқаманд ба ҳисоб мераванд, ки агар яке аз онҳо имконияти назорат намудан аз болои дигар тарафро дошта бошад ва ё ҳангоми қабул намудани қарорҳои молиявӣ ва амалиётӣ аз тарафи дигар ба он таъсири ҷиддӣ расонад. Барои мақсади ҳисоботи молиявии мазкур, тарафҳои алоқаманд - саҳмдорон, Роҳбарияти Фонд, инчунин дигар шахсон ва ташкилотҳои аз тарафи онҳо назоратшаванда ва ё ба онҳо алоқамандро дар бар мегиранд.

Дар рафти фаъолияти муқаррарии худ, Фонд як қатор амалиётҳои бонкиро бо тарафҳои алоқаманд мегузаронад. Ба ин амалиётҳо: қарзҳо ба тарафҳои алоқаманд, сармоягузориҳо барои хариди мол, суратҳисобҳои мизоҷон ва музди меҳнат дохил мешаванд. Амалиётҳои мазкур дар асоси тиҷорат ва аз рӯи маблағгузориҳои бозорӣ амалӣ карда шудаанд.

Дар поён ҳаҷми амалиётҳо, бақия дар охири сол ва моддаҳои дахлдори даромад ва хароҷот барои як сол пешниҳод шудааст:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Ба санаи 31 декабри соли 2020** | | Ба санаи 31 декабри соли 2019 | |
|---|---|---|---|---|
| | **Амалиётҳо бо шахсони алоқаманд** | **Ҳамагӣ аз рӯи категорияҳо мутобиқи моддаҳои ҳисоботи молиявӣ** | Амалиётҳо бо шахсони алоқаманд | Ҳамагӣ аз рӯи категорияҳо мутобиқи моддаҳои ҳисоботи молиявӣ |
| Қарзҳо ба мизоҷон | **385** | **18,797** | 252 | 20,737 |
| Маблағҳои дигар ташкилотҳои молиявӣ | **177** | **194** | 152 | 4,090 |

Дар ҳисобот оид ба фоида ё зарар ва дигар даромади маҷмӯӣ барои солҳое, ки 31 декабри 2020 ва 2019 анҷом ёфтаанд, маблағҳое, ки дар натиҷаи амалиётҳо бо шахсони вобаста ба миён омада буданд, чунин инъикос ёфтанд:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Барои соле, ки 31 декабри 2020 с. анҷом ёфтааст** | | Барои соле, ки 31 декабри 2019 с. анҷом ёфтааст | |
|---|---|---|---|---|
| | **Амалиётҳо бо шахсони алоқаманд** | **Ҳамагӣ аз рӯи категория мутобиқи моддаҳои ҳисоботи молиявӣ** | Амалиётҳо бо шахсони алоқаманд | Ҳамагӣ аз рӯи категория мутобиқи моддаҳои ҳисоботи молиявӣ |
| **Даромадҳои фоизӣ:** | | **3,688** | 352 | 3,909 |
| Даромадҳои фоизӣ аз қарзҳои ба мизоҷон додашуда | **88** | **3,673** | 29 | 3,586 |
| Даромадҳои фоизӣ аз ташкилотҳои молиявӣ | **15** | **15** | 323 | 323 |
| **Хароҷотҳои амалиётӣ:** | | **1,957** | 308 | 1,325 |
| Мукофотпулӣ ба ҳайати Роҳбарият | **820** | **1,957** | 308 | 1,325 |

## 25) АРЗИШИ ҲАҚҚОНИИ ВОСИТАҲОИ МОЛИЯВӢ

*Зинанизоми (иерархия) арзиши ҳаққонӣ*

Бо мақсади ифшои маълумоти арзиши ҳаққонӣ, Фонд синфҳои дороиҳо ва ӯҳдадориҳоро аз рӯи хусусият, тавсифҳо ва хавфҳо, инчунин сатҳи зинанизоми манбаъҳои арзиши ҳаққониро муайян кардааст:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Сатҳи 1** | **Сатҳи 2** | **Сатҳи 3** | **Ҳамагӣ арзиши ҳаққонӣ** | **Ҳамагӣ арзиши тавозунӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ БА 31 ДЕКАБРИ 2020 с.** | | | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | **9** | **-** | **-** | **9** | **9** |
| Маблағҳо дар дигар ташкилотҳои молиявӣ | **195** | **-** | **-** | **195** | **195** |
| Қарзҳо ба мизоҷон | **-** | **18,797** | **-** | **18,797** | **18,797** |
| Сармоягузорӣ барои фурӯш | **-** | **91,712** | **-** | **91,712** | **91,712** |
| Дигар дороиҳо | **-** | **-** | **696** | **696** | **696** |
| Саҳмгузорӣ ба бонкдории исломӣ | **-** | **-** | **4,000** | **4,000** | **4,000** |
| **ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ БА 31 ДЕКАБРИ 2020 С.** | | | | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | **-** | **-** | **69** | **69** | **69** |

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | Сатҳи 1 | Сатҳи 2 | Сатҳи 3 | Ҳамагӣ арзиши ҳаққонӣ | Ҳамагӣ арзиши тавозунӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ БА 31 ДЕКАБРИ 2019 с. | | | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | - | - | - | - | - |
| Маблағҳо дар дигар ташкилотҳои молиявӣ | 4,090 | - | - | 4,090 | 4,090 |
| Қарзҳо ба мизоҷон | - | 20,737 | | 20,737 | 20,737 |
| Сармоягузорӣ барои фурӯш | - | 87,182 | - | 87,182 | 87,182 |
| Дигар дороиҳо | - | - | 543 | 543 | 543 |
| ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ БА 31 ДЕКАБРИ 2019 с. | | | | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | - | - | 73 | 73 | 73 |

*Маблағҳои ташкилотҳои молиявӣ ва маблағҳо дар дигар ташкилотҳои молиявӣ*

Барои дороиҳо ва ӯҳдадориҳои мӯҳлати пардохташон аз 1 моҳ камтар, арзиши тавозунӣ, тақрибан арзиши ҳаққониро инъикос менамояд, зеро мӯҳлати пардохти чунин воситаҳои молиявӣ кӯтоҳ аст. Барои дороиҳо ва ӯҳдадориҳои мӯҳлати пардохташон беш аз 1 моҳ, арзиши ҳаққонӣ аз рӯи ҳисоб кардани баҳои ҷараёни пулҳои оянда, ки дар охири сол

мувофиқи меъёри фоизи муқарраргардида дисконт карда шудааст ва ин меъёри фоиз асосан бо меъёрҳои ҷорӣ рост меояд, муайян карда мешавад.

*Қарзҳо ва қарзи дебиторӣ, ки аз рӯи арзиши истеҳлокӣ инъикос мегардад*
Арзиши ҳаққонии воситаҳое, ки дорои меъёри ивазшаванда (пасту баланд) ҳастанд, ба арзиши тавозуниашон баробар аст. Арзиши ҳаққонии воситаҳои баҳогузошта, ки дорои меъёри фоизи муайян ҳастанд, дар асоси ҳисоб кардани баҳои ҷараёни пулҳои оянда сурат мегирад, ки аз рӯи меъёрҳои фоиз, барои воситаҳои сатҳи хатари қарзашон ва мӯҳлати пардохташон монанд, дар бозори пул дисконт кунонида шудааст.

## 26) ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО

Фаъолияти Фонд дорои хавфҳо мебошад. Фонд идоранамоии хавфҳоро дар рафти ҷараёни мунтазами муайяннамоӣ, баҳогузорӣ ва назорат, инчунин тавассути муқаррарнамоии ҳудудҳои хавф ва дигар чораҳои назорати дохилӣ амалӣ менамояд. Ҷараёни идоранамоии хавф моҳияти ҳалкунандаро барои нигоҳдории манфиатнокии босуботи Фонд доро мебошад ва ҳар як корманди Фонд масъулиятро барои хавфи бо ӯҳдадориҳои вай вобастабударо ба зимма мегирад. Фонд гирифтори хавфи қарзӣ, хавфи пардохтпазирӣ ва хавфи бозорӣ мебошад, ки он дар навбати худ ба хавфи амалиётӣ ва ғайрамалиётӣ тақсим мешавад. Ҷараёни назорати мустақил аз болои хавфҳо ба хавфи бурдани фаъолият дахолат надорад, ба монанди тағйирёбии муҳит, технология ва ё тағйирот дар соҳа. Чунин хавфҳо аз тарафи Фонд дар рафти ҷараёни банақшагирии стратегӣ назорат карда мешавад.

*Сохтори идоракунии* хавфҳо
Сохтори системаи идоракунии хавфҳо дар 3 сатҳ ифода ёфтааст, сатҳи коллегиалӣ, бахшҳои аналитикӣ ва тиҷорат. Масъулияти умумӣ барои муайян ва назорати хавфҳо, бар дӯши Шӯрои Сарпарастон вогузор гардидааст, ва дар баробари он, мақомоти мустақили алоҳида амал мекунад, ки барои идоракунӣ ва назорати хавфҳо масъул мебошад.

*Шӯрои Сарпарастон*
Шӯрои Сарпарастон барои роҳандозии усули умумии кор, барои тасдиқ намудани дурнамо ва принсипҳои идоракунии хавфҳо масъул аст.

*Аудити дохилӣ*
Ҷараёнҳои идоракунии хавфҳо, ки дар Фонд гузаронида мешаванд, аз тарафи Хадамоти аудити дохилӣ тафтиш карда мешаванд. Хадамоти аудити дохилӣ ба Шӯрои Сарпарастон тобеъ мебошад, ҳарчанд ба мақомоти иҷроия тобеъ аст. Аз ин сабаб, аудити дохилӣ пас аз муҳокимаи натиҷаҳои санҷиш бо Роҳбарияти Фонд, хулосаҳо ва тавсияҳои худро ба Шӯрои Сарпарастон пешниҳод менамояд.

*Дигар шӯъбаҳои сохторӣ*
Шӯъбаҳои сохтории Фонд барои иҷро гардидани нишондодҳои нақшавӣ ва маҳдудиятҳои муқарраргардида, қабули қарорҳои оперативӣ ва ташкили назорату мониторинги дохилӣ ҷавобгар мебошанд.

*Низоми баҳодиҳӣ ва ҳисоботдиҳӣ*
Фонд дар масъалаи идоракунии хавфҳо низомеро ба кор мебарад ва як ҷузъи ин низом - такя намудан ба стандартҳои ягонаи дарёфткунӣ, баҳодиҳӣ ва кам кардани хавф мебошад, ки бо назардошти тавсияҳои Бонки Миллии Тоҷикистон ва Кумитаи Базел доир ба назорати бонкдорӣ муқаррар гардидааст. Мувофиқи стандартҳои зикршуда Фонд нисбати хавфҳои

асосӣ, ки фаъолияташ мувоҷеҳи онҳоянд, тартиботи идоракунии хавфҳоро тартиб дода, муваффақона ҷорӣ намудааст.

Низоми дарёфтани хавфҳо аз тартибот иборат аст, ки барои дарёфтани зеринҳо имкон медиҳад:

- дарёфтани хавфҳо барои амалиёти нав;
- дарёфтани хавфҳо барои амалиёти стандартӣ;
- муайян намудани тағйироти назаррас дар сатҳ ва хусусияти хавфҳо, ки дар паи раванди амалисозии фаъолияти Фонд қарор дорад.

Хавфҳои Фонд чунин баҳодиҳӣ мегардад, ки ин тарз ҳам зарари дар интизорбударо инъикос мекунад, ки эҳтимоли пайдо шуданаш дар давоми фаъолияти муқаррарӣ имкон дорад, ва ҳам зарарҳои ғайричашмдоштро, ки онҳо баҳои зарарҳои аз ҳама воқеӣ мебошанд, ки дар асоси моделҳои статистикӣ баҳогузорӣ шудаанд. Дар ин моделҳо нишондодҳои эҳтимолият истифода бурда мешавад, ки аз таҷрибаи собиқа ҳосил шудаанд ва бо назардошти шароитҳои иқтисодӣ ислоҳ гардида, корбаст шудаанд. Ҳамчунин Фонд модели «таъқиботи бадтаринро» роҳандозӣ мекунад, ки ин таъқиботҳо дар ҳолати рух додани ҳар гуна вазъият, ки эҳтимоли ба вуқӯъ пайвастанашон кам аст, метавон ҷо дошта бошанд.

Мониторинг ва назорати хавфҳо асосан ба зерин асос меёбанд:

- Маҳдудиятҳое (лимитҳо), ки аз ҷониби Фонд муқаррар карда шудааст. Чунин маҳдудиятҳо стратегияи бурдани фаъолият ва шароитҳои бозорро инъикос мекунанд ва Фонд дар ҳамин гуна вазъ вазифаи худро иҷро мекунад. Ҳамчунин ин маҳдудиятҳо сатҳи хавфро инъикос мекунанд, ки Фонд тайёр аст ба зиммааш гирад, дар ҳоле, ки таваҷҷӯҳи махсус ба соҳаҳои алоҳида зоҳир карда мешавад. Ба ғайр аз ин, Фонд қобилияти умумии худро ҷиҳати ба зимма доштани хавфҳо назорат мекунад ва баҳо медиҳад ва зиммадории хавфҳо аз ҷониби Фонд, нисбати мавқеи умумӣ ва аз рӯи ҳама намудҳои хавфҳо ва амалиёт, дар мадди аввал қарор дорад;

- Захираҳо – ба воситаи бунёди захираҳои махсус дар муқобили зиёнҳои эҳтимолӣ;

- Дигаргуниҳо (диверсификации) – барои паст кардани сатҳи умумии хавф, ин хавфро ба ҳар гуна соҳаҳо, объектҳо ва воситаҳои молиявӣ тақсим кардан;

- Ба расмият даровардани масоили таъминкунӣ – ба зимма гирифтани хатарҳои миёна ва дар боло зикршуда, танҳо дар ҳолати мавҷудияти ҳуқуқи қонунии ҷуброн кардани зиёнҳои эҳтимолӣ, тариқи ба ҷо овардани ҳуқуқи таъмин гардидани ҷуброн.

*Кам кардани хавф*
Дар доираи идоракунии хавф, Фонд барои идоракунии ҳолатҳо, ки дар натиҷаи тағйирот дар меъёри фоиз, қурби табодул, хавфи тағйирёбии нархи саҳмия, хавфи қарзӣ ба вуқӯъ меоянд, ҳамчунин дар мавриди тағйир ёфтани ҳолат доир ба хариду фурӯши пешбинишаванда, воситаҳои истеҳсолӣ ва ғайраро истифода мебарад.

*Мутамарказкунии хавфи аз ҳад зиёд*
Мутамарказкунии хавф дар ҳолате рух медиҳад, вақте ки якчанд контрагентҳо фаъолияти монандро иҷро мекунанд ё фаъолияти онҳо дар як минтақаи географӣ анҷом дода мешавад, ё худ ин контрагентҳо дорои хусусиятҳои якхелаи иқтисодианд ва дар натиҷаи дигаргунӣ дар шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар, ба қобилияти ин контрагентҳо дар иҷрои ӯҳдадориҳои

шартномавӣ таъсири якхела доранд. Мутамарказкунии хавф натиҷаи нисбии осебпазирии фаъолияти Фондро нисбати дигаргунӣ дар шароитҳо, инъикос мекунад. Ва ин дигаргуниҳо ба соҳаи муайян ё минтақаи географӣ, низ таъсир мекунанд.
Бо мақсади пешгирӣ кардан аз мутамарказкунии аз ҳад зиёди хавф, сиёсат ва тартиботи Фонд аз принсипҳои махсус иборат аст, ки ин принсипҳо барои дастгирии сандуқи маблағаш гуногун рӯи кор оварда шудаанд. Дар ҳолати дарёфти хавфи мутамарказшуда, аз ҷониби Фонд ин хавф идора карда мешавад.

## 27) ХАВФИ ҚАРЗӢ

Хавфи қарзӣ хавфест, ки Фонд ба сабаби иҷро накардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби мизоҷон ё шарикони худ зарар меорад. Фонд хавфи қарзиро бо роҳи муайян кардани ҳадди ниҳоии хавф, ки аз рӯи контрагентҳои алоҳида, хавфҳои мутамарказшудаи соҳавӣ, инчунин ба воситаи мониторинги риояи меъёрҳои муқарраршудаи хавф омода аст, идора мекунад.

Дар давоми соли 2019 Фонд сиёсати қарзии бомулоҳизаро муттасил пайгирӣ намуд ва ин сиёсати қарзӣ дар муқаррароти стратегии зерин ифодаи худро ёфтааст: нигоҳдории захираи кофии дороиҳои пардохтпазир ва рушди аввалиндараҷаи самти қарздиҳӣ.

Фонд бо мақсади сари вақт ошкор намудани тағйироти имконпазир дар қобилияти пардохтпазирии контрагентҳо, тартиби санҷиши сифати қарзро, аз ҷумла аз нав баррасӣ намудани андозаи таъминкуниро тартиб дод, аз ҷумла баррасии даврии маблағи гарав.

Раванди идоракунии хавфи қарзӣ иборат аз: таҳлили боэътимодии молиявии қарзгир аз рӯи ҳисоботи молиявӣ, маълумоти дастраси воситаҳои ахбори омма, баҳои таърихи қарзгир, сифат ва сатҳи таъминнокии қарзҳо, мониторинги хавфи қарзӣ доир ба қарзгирандагон, мониторинги хизматрасонии қарз, мавҷудият ва нигоҳдории амволи ба гарав гузоштаи мизоҷон, баҳодиҳӣ ва бунёди захираҳои зарурӣ барои рӯйпӯш кардани зарарҳои эҳтимолӣ доир ба қарзҳои додашуда.

Аз ҷониби Кумитаи қарзӣ ва сармоягузорӣ пайваста баҳодиҳии натиҷаҳои санҷиши қобилияти пардохтпазирии қарзгир доир мегардад.

Сиёсати қарзии Фонд аз ҷониби Шӯрои Сарпарастон баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад. Фонд сатҳи хавфи қарзиро бо роҳи муқаррар кардани андозаи хавфе, ки нисбат ба як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирандагон, инчунин аз рӯи бахши иқтисодиёт гирифта мешавад, муайян мекунад. Дар доираи меъёрҳои муқарраршуда ҳамарӯза хавфҳои воқеӣ назорат карда мешаванд.

Хатари хавфи қарзӣ дар асоси таҳлили мунтазами қобилияти қарзгирандагони эҳтимолӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои марбут ба пардохти фоизҳо ва қарзи асосӣ, инчунин ҳангоми тағир додани ин маҳдудиятҳои қарзӣ ҳангоми зарурат дар асоси инфиродӣ ё гурӯҳӣ назорат карда мешавад. Хавфи қарзӣ тавассути гирифтани гарав, инчунин кафолатҳое, ки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ додаанд, танзим карда мешавад. Чунин хатарҳо на камтар аз як маротиба дар як семоҳа мунтазам назорат ва таҳлил карда мешаванд.

*Муайяннамоии дефолт*
Таҳти дефолти эътирофи далели иҷро накардан аз тарафи Фонд ё нопурра иҷро намудани ӯҳдадориҳои молиявии худ аз тарафи контрагент дар назди Фонд фаҳмида мешавад. Дефолт на дертар аз лаҳзае, ки дороии молиявӣ ба 90 рӯз батаъхир андохта шудааст, сар мезанад, ба истисноии ҳолатҳое, ки Фонд дорои маълумоти асоснок ва тасдиқшудае мебошад, ки он нишон медиҳад, ки истифодаи меъёри дефолте, ки батаъхирандозии зиёдро пешбинӣ менамояд, бештар бамаврид мебошад. Мафҳуми дефолт, ки барои ин мақсадҳо истифода мешаванд, пайдарпай нисбат ба ҳамаи воситаҳои молиявӣ татбиқ мегардад, ба

истиснои ҳолатҳое, ки маълумот дастрас мегардад, ки он нишон медиҳад, ки мафҳуми дигари дефолт барои воситаи молиявии муайян бамаврид мебошад.

Фонд дефолти контрагентро дар ҳолати иҷрои меъёрҳои зерин ва ё ҳарду меъёрҳо, эътироф менамояд:

- Меъёри босифат - Фонд дорои маълумоти кофӣ мебошад барои тахмин намудани иҷрои талаботи Фонд дар ҳаҷми пурра аз тарафи контрагент бе истифодаи чунин чораҳо ба монанди татбиқи таъминот (ҳангоми мавҷудияти он) аз эҳтимол дур буданаш;
- Меъёри миқдорӣ – Фонд дорои қарздории ба таъхир андохташудаи пардохтнашуда дар назди Фонд мебошад, бо давомнокии зиёда аз 90 рӯзи тақвимӣ.

*Меъёри босифати эътирофнамоии дефолт*
Меъёри босифати эътирофнамоии дефолт таҳлили нишондодҳои устувори молиявӣ, бозоргирӣ ва самаранокӣ, инчунин бозоргирии гаравро инъикос менамояд ва дар муайяннамоии қобилияти пардохти қарз ифода меёбад. Меъёри бештар вазъияти контрагентро тасниф менамояд, ки ҳамчун нишондодҳои мунтазамияти ҷараёнҳои молиявӣ, таъминнокӣ бо воситаҳои шахсӣ ва сатҳи қарздорӣ ё ӯҳдадориҳо ба ҳисоб меравaнд.

Баҳогузории босифат таҳлили амалиётҳои қарзӣ, инчунин назорати додани қарзҳоро пешбинӣ менамояд.

Асосҳо барои эътирофи дефолт ҳодисаҳои зерин ба ҳисоб меравaнд:

- Иҷро накардани шартҳои шартнома

Контрагент шартҳои шартномаро иҷро накардааст (масалан ковенантҳо), ки дар натиҷаи он Фонд дефолти контерагентро аз рӯи шартнома (мутобиқи шартҳои шартнома) эътироф намудааст ва пеш аз мӯҳлат пардохт намудани қарзро талаб намудааст. Меъёрҳои мазкур дар ҳолате истифода мешавад, ки агар контрагент талаботи Фондро оид ба пеш аз мӯҳлат пардохт намудани қарз, саривақт ва дар ҳаҷми пурра иҷро накарда бошад. Санаи дефолт дар ҳолати мазкур санаи сар задани батаъхирандозӣ нисбати қарзи барои пеш аз мӯҳлат пардохтан пешниҳодшуда ба ҳисоб меравад.

- Таҷдиди сохтори талабот

Аз тарафи Фонд дар бораи таҷдиди сохтори талабот қарор қабул карда мешавад, ки бо душвориҳои молиявии контрагент шартбандӣ шудааст, ки натиҷаи он пастравии назарраси ҳаҷми пардохт аз рӯи қарзи асосӣ, фоизҳо ва ё пешниҳоди батаъхирандозии назаррас оид ба пардохти он мебошад. Санаи дефолт санаи қабули қарор дар бораи таҷдиди сохтор (якум, агар силсилаи таҷдиди сохтор мавҷуд бошад) ба ҳисоб меравад.

- Муфлисии контрагент

- Контрагент ё Фонд ба суд аризаро оид ба муфлис эътироф намудани контрагент пешниҳод намудаанд;
- Контрагент муфлис эътироф шудааст;
- Нисбати контрагент яке аз расмиёти муфлисгардӣ татбиқ шудааст ва ё контрагент ҳимояи ҳамшабеҳро, ки имконияти бартараф намудан ё батаъхир андохтани талаботи Фондро медиҳад, ба даст овардааст.

- Ҳодисаҳои дигар

Дар ҳолати ошкор намудани далелҳои бевосита ва бавосита, ки дар бораи эҳтимолияти баланди татбиқнамоии ҳодисаҳои манфӣ шаҳодат медиҳад, эътирофи дефолт метавонад тавассути ташаккули ақидаи дахлдори касбӣ амалӣ карда шавад.

Ҳангоми ташаккули ақидаи касбӣ бояд далелҳои зерин ба назар гирифта шавад:
- аз рӯи талабот (Фонд ё дигар қарздорон) ба контрагент қарздории батаъхирандохташуда ба вуҷуд омадааст (вобаста ба пардохти қарзи асосӣ, фоизҳо, комиссияҳо ва дигар пардохтҳо);
- аз рӯи талаботи Фонд захира ё азнавбаҳогузории манфӣ бо сабаби пастравии назарраси сифати қарзи дарназардошташуда, ташаккул дода шудааст;
- талабот аз тарафи Фонд бо зарари иқтисодӣ фурӯхта (вогузор карда) шудааст;
- талабот бо шартҳои барои Фонд бефоида таҷдиди назар карда шудааст;
- тағйироти назарраси манфӣ дар фаъолияти молиявӣ-хоҷагии контрагент ҷой доштанд;
- далели қаллобӣ аз тарафи контрагент ошкор ва тасдиқ карда шудааст (нисбати Фонд ё шахсони сеюм).

Санаи дефолт дар ҳолати мазкур санаи ташаккулёбии ақидаи дахлдори касбӣ ба ҳисоб меравад

*Меъёри сифатии эътирофнамоии дефолт*
Контрагент қарздории батаъхирандохташудаи пардохтнашударо дар назди Фонд бо давомнокии зиёда аз 90 рӯзи тақвимӣ ё дар дигар давраи тасдиқшуда ё асоснок, ки батаъхирандозии пардохтро зиёда аз 90 рӯз пешбинӣ менамояд, дорад.

*Ба таври назаррас баланд бардоштани хавфи қарзӣ*
Роҳбарияти Фонд муҳокимаро барои баҳогузории назарраси баландбардории хавфи қарзӣ татбиқ менамояд, ки муодили хатарноки баҳогузории зарарҳои қарзии дар назар дошташуда ба ҳисоб меравад.

Омилҳои зерин аз тарафи Фонд ҳангоми баҳогузории эҳтимолияти назарраси баландбардории хавфи қарзӣ ба назар гирифта мешаванд:
- Қарзи батаъхирандохташудаи бетанаффус оид ба ӯҳдадории Контрагент дар назди Фонд зиёда аз 30 рӯзи тақвимиро ташкил медиҳад;
- Таҷдиди сохтори қарз бо сабаби ғайриимкон будани хизматрасонии ӯҳдадорӣ дар шароити ҷорӣ;
- Татбиқи чораҳои амалии таъсиррасонӣ аз тарафи Фонд барои паст кардани хавфи қарзӣ, ба монанди назорати бевосита (идоранамоӣ) аз болои фаъолияти амалиётӣ;
- Дар мӯҳлати 12 моҳи наздик ҷараёни назарраси нокифояи пулӣ барои хизматрасонии ӯҳдадориҳо дар шароитҳои ҷорӣ пешгӯӣ мешаванд;
- Тағйироти манфии назарраси амалӣ ё дарназардошташудаи рейтинги қарзи берунаи воситаи молиявӣ;
- Тағйиротҳои мавҷуда ё номусоиди пешгуишавандаи шароитҳои тиҷоратӣ, молиявӣ ё иқтисодӣ, ки чӣ тавре ки дар назар аст, ба тағийроти назарраси қобилияти қарздор оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои қарзии худ оварда мерасонад;
- Баландгардии назарраси хавфи қарзӣ аз рӯи дигар воситаҳои молиявии як қарздор;
- Пешниҳоди давраи имтиёзнок оид ба пардохти ҳаққҳо;
- Мавҷудияти маълумот дар бораи ҷалби контрагент ба мурофиаҳои судӣ, ки онҳо метавонанд вазъияти молиявии онро бадтар намоянд.

Хавфи қарзӣ аз рӯи воситаҳои молиявӣ паст ба ҳисоб меравад, агар:
- хатари сар задани дефолт аз рӯи дороии/ӯҳдадории молиявӣ паст мебошад;
- қарздор захираи назарраси устуворро доро мебошад, то ки ӯҳдадориҳои худро оид ба пардохти воситаҳои пулии дар шартнома пешбинишуда дар ояндаи наздик иҷро намояд;
- тағйироти номусоиди иқтисодии бурдани фаъолият дар дурнамои нисбатан алоҳида метавонанд, вале ҳатмӣ нестанд, ба пастравии қобилияти қарздор оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои худ оварда расонанд.

Дар доираи фаъолияти худ Фонд баландравии хавфи қарзиро аз рӯи вомбаргҳои давлатӣ, инчунин бақия дар муассисаҳои молиявӣ бо рейтинги баланди қарзӣ истисно менамояд.

*Усулҳои молиявии истеҳсолӣ*

Хавфи қарзӣ, ки бо усулҳои молиявии истеҳсолӣ алоқамананд, ҳар вақт бо усулҳои истеҳсолии арзиши ҳаққонии мусбӣ, ки дар ҳисоботи вазъи молиявӣ эътироф шудаанд, маҳдуд мегарданд. Андозаи зиёдтарини хавфи қарзӣ доир ба қисмҳои ҳисоботи вазъи молиявӣ, аз ҷумла инструментҳои молиявии истеҳсолӣ, бе ҳисоби таъсири паст шудани хавф дар натиҷаи истифодабарии созишномаҳои генералӣ доир ба ҳисоббаробаркунӣ ва созишномаҳо оиди таъминкунӣ ба тариқи беҳтарин дар арзиши тавозунии онҳо, инъикос гардидааст. Доир ба усулҳои молиявӣ, ки аз рӯи арзиши ҳаққонӣ инъикос мегарданд, арзиши тавозунӣ ин андозаи ҷории хавфи қарзӣ мебошад, на андозаи хавфи ниҳоӣ, ки метавонад дар оянда дар натиҷаи дигаргуниҳо арзиш пайдо шавад.

*Сифати қарз доир ба синфҳои дороиҳои молиявӣ*

Фонд идоракунии сифати қарзии дороиҳои молиявиро бо ёрии гурӯҳбандии дороиҳои молиявӣ, ки дар дастурамали Бонки Миллии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ба роҳ мондааст. Мувофиқи ҳамин дастурамал, низоми рейтинг доир ба қарз аз 5 гурӯҳи хавфи қарзӣ бармеояд. Дар мавриди нисбатдиҳии дороиҳои молиявӣ ба гурӯҳи хавфи муайян, чунин меъёрҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд, ба монанди нишондодҳои молиявӣ, хизматрасонии қарз, ҳамчунин арзиш ва кифоя будани таъмини гарав.

## 27.1 МУТАМАРКАЗКУНИИ НИҲОИИ ГИРИФТОРШАВӢ БА ХАВФИ ҚАРЗӢ

*Минтақаҳои (сегмент) географӣ*

Дар зер таҳлили ҷамъшавии асосии хавфи қарзии Фонд аз рӯи арзиши тавозунӣ мувофиқи минтақаҳои географӣ дар санаи 31 декабри солҳои 2020 ва 2019 оварда шудааст:

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | **Тоҷикистон** | **Кишварҳои СҲИР** | **Кишварҳои боқимонда** | **Ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | **9** | **-** | **-** | **9** |
| Воситаҳо дар дигар ташкилотҳои молиявӣ | **195** | **-** | **-** | **195** |
| Қарзҳои ва пешпардохтҳо барои мизоҷон | **18,797** | **-** | **-** | **18,797** |
| Сармоягузориҳо ба бехатарӣ | **91,712** | **-** | **-** | **91,712** |
| Дигар дороиҳо | **696** | **-** | **-** | **696** |
| Саҳмҳо ба бонкдории исломӣ | **4,000** | **-** | **-** | **4,000** |
| **Ба 31 декабри соли 2020** | **115,409** | **-** | **-** | **115,409** |
| | | | | |
| **ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ** | | | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | **69** | **-** | **-** | **69** |
| **Ба 31 декабри соли 2020** | **69** | **-** | **-** | **69** |

| Ба ҳисоби ҳазор сомонӣ | Тоҷикистон | Кишварҳои СҲИР | Кишварҳои боқимонда | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| ДОРОИҲОИ МОЛИЯВӢ | | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | - | - | - | - |
| Воситаҳо дар дигар ташкилотҳои молиявӣ | 4,090 | - | - | 4,090 |
| Қарзҳои ва пешпардохтҳо барои мизоҷон | 20,737 | - | - | 20,737 |
| Сармоягузориҳо ба бехатарӣ | 87,182 | - | - | 87,182 |
| Дигар дороиҳо | 543 | - | - | 543 |
| Ба 31 декабри соли 2019 | 112,552 | - | - | 112,552 |
| ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВӢ | | | | |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 73 | - | - | 73 |
| Ба 31 декабри соли 2019 | 73 | - | - | 73 |

Дороиҳо аз рӯи кишвари зисти контрагент тасниф шудаанд.

## 27.2 МАҲДУДИЯТҲОИ НАЗОРАТ ВА СИЁСАТИ ИДОРАКУНӢ

Фонд ҷамъшавии хавфи қарзиро идора, маҳдуд ва назорат мекунад. Ва ин амалро нисбати қарзгирандагони инфиродӣ ва соҳаҳо анҷом медиҳад. Фонд аз тариқи муқаррар намудани маҳдудиятҳо нисбати як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирон, ҳамчунин аз рӯи сегментҳои географӣ ва соҳавӣ хавфи қарзиро назорат мебарад.

Таъсири хавфи қарзӣ инчунин тавассути таҳлили мунтазами қобилияти қарзгирандагон ва қарзгирандагони эҳтимолӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои фоизӣ ва пардохти сармоя ва бо тағйир додани ин меъёрҳои қарздиҳӣ дар ҳолати зарурӣ идора карда мешавад.

*Таъмини гарав*

Фонд барои ҷилавгирии хавфи қарзӣ як қатор усулҳоро ба кор мебарад. Аз ҳама маъмултарини онҳо дар баробари маблағҳои додашуда, қабул кардани таъминнокӣ аст, ки ин муқаррарӣ аст. Намудҳои асосии таъминкунии қарзу пешпардохтҳо, чунинанд:

- Амволи ғайриманқул;
- Моликияти манқул, металлҳои қимматбаҳо;
- Амволи шахсӣ ва ғайраҳо.

Арзиши гарав дар асоси арзиши одилона дар рӯзи додани қарз муайян карда мешавад ва бо маблағи қарзи ягон қарзи мушаххас дар санаи ҳисоботӣ маҳдуд аст.

*Баҳодиҳии беқурбшавӣ*

Омилҳои асосие, ки ҳангоми баррасии қарзҳо барои беқурбшавӣ ба назар гирифта мешаванд, инҳоянд: оё мӯҳлати пардохтҳои фоизӣ ва пардохт барои пардохти маблағи асосӣ гузаштааст; оё дар бораи мушкилоти молиявии шарикон, кам шудани рейтинги кредитии онҳо ё вайрон кардани шартҳои аслии шартнома маълум аст. Фонд озмоишҳои беқурбшавии нархро бо ду усул месанҷад: захираҳои инфиродӣ ва захираҳои баҳогузории коллективӣ.

*Захираҳое, ки баҳодиҳиашон дар асоси инфиродӣ мегузарад*

Фонд захираҳоро муайян мекунад, ки бунёди онҳо доир ба ҳар як қарзи инфиродии назаррас зарур дониста мешавад. Ва ин кор дар асоси инфиродӣ қобили қабул аст. Ҳангоми муайянкунии андозаи захираҳо, вазъиятҳои зерин ба эътибор гирифта мешаванд:

- мавҷудияти нақшаи тиҷорат ва устувории тиҷорати контрагент;
- қобилияти беҳтар кардани натиҷаҳои фаъолияти худ, ҳангоми ба миён омадани мушкилиҳои молиявӣ;
- маблағҳое, ки барои гирифтан пешбинӣ шудаанд ва маблағҳо барои пардохти дивидендҳо, дар ҳолати муфлис шудан;
- имконияти ҷалб намудани ёрии молиявӣ;
- арзиши амалӣ кардани таъминкунӣ;
- ҳамчунин мӯҳлатҳои ҷараёни пулҳо, ки омаданаш дар интизор аст.

Зарарҳои беқурбшавӣ дар ҳар як санаи ҳисоботдиҳӣ ё зудтар баҳодиҳӣ мешаванд, агар вазъиятҳои ғайри чашмдошт намудани таваҷҷӯҳи бештарро талаб намоянд.

*Ҳаҷми аз ҳама зиёди хавфи қарзӣ*
Ҳадди ниҳоии хавфи қарзии Фонд вобаста аз хавфҳои инфиродӣ, ки ба дороиҳои молиявии мушаххас ва хавфҳои умумии бозор хосанд, метавонад хеле фарқ кунад.

Дар ҳолати иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои қарзӣ аз тарафи қарздор, Фонд ҳуқуқ дорад иҷрои онҳоро бо роҳҳои зерин таъмин намояд:
- фурӯши муштараки ашёи гарав;
- ба соҳибмулкӣ қабул намудани ашёи гарав тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун;
- рӯёнидани моликияти гаравӣ бо тартиби судӣ.

Ҳангоми фурӯши муштараки ашёи гарав, дар бештари ҳолатҳо Фонд варианти бастани шартномаи хариду фурӯши сетарафаро бо қарздор ва харидор истифода менамояд. Мутобиқи шартномаи сетарафаи мазкур ба ӯҳдадории харидор пардохт намудани қарзи фурӯшанда дар назди Фонд ворид мешавад; ба ӯҳдадории фурӯшанда вогузор намудани ҳуқуқ ба моликият ба харидор ворид мешавад; ба ӯҳдадории Фонд амалинамоии пардохти қарз аз тарафи қарздор ва гирифтани гаронӣ аз моликият ворид мешавад.

Рӯёнидани моликияти гаравӣ бо тартиби судӣ аз тарафи Фонд бештар дар ҳолатҳои имкноннопазир ва ё мувофиқи мақсад набудани истифоданамоии усулҳои алтернативӣ, ва ё дар ҳолатҳое, ки гузоштани ҳабс ба моликияти гаравӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои Фонд зарур аст, амалӣ карда мешавад.

## 27.3 ХАВФИ БОЗОРӢ
Хавфи бозорӣ хавфест, ки арзиши одилонаи пули нақд аз ҳисоби воситаҳои молиявӣ бо сабаби тағйирёбии меъёрҳои бозор, ба монанди меъёри фоизӣ, қурби асъор ва нархҳо тағйир меёбад. Мавқеи Фонд тавассути таҳлили ҳассосият идора карда мешавад. Ғайр аз вазифаҳои асъорӣ, Фонд тамаркузи назарраси хавфи бозорӣ надорад.

*Хавфи тағйир додани меъёри фоиз*
Хавфи тағйир додани меъёри фоиз дар натиҷаи имконпазир будани ҳолате пайдо мешавад, ки тағйирот дар меъёри фоиз ба ҷараёни пулҳои оянда ё ба арзиши ҳаққонии усулҳои молиявӣ, таъсир хоҳанд расонд.

*Хавфи асъорӣ*
Хавфи асъорӣ – ин хавфест, ки арзиши усули молиявӣ, дар натиҷаи тағйироти қурби асъор пасту боло меравад.

*Маҳдудияти таҳлили ҳассосӣ*
Дар ҷадвалҳои дар боло овардашуда таъсири тағйирот, ки дар фарзияи асосӣ асос ёфтааст, инъикос шудааст, тахминҳои дигар бошанд бетағйир гузошта шудаанд. Дар ҳақиқат алоқа байни фарзия ва дигар омилҳо вуҷуд дорад. Инчунин қайд кардан зарур аст, ки ҳассосият

хусусияти ғайриасосиро доро мебошад, аз ин рӯ интерполятсия ва ё экстраполятсияи натиҷаҳои бадаст овардашуда набояд гузаронида шавад.

Таҳлили ҳассосӣ ба ҳисоб намегирад, ки Фонд фаъолона дороиҳо ва ӯҳдадориҳоро идора менамояд. Илова бар ин, вазъи молиявии Фонд метавонад гирифтори тағйирот вобаста ба тағйироти дар бозор ба вуҷуд омада гардад. Масалан, стратегияи Фонд дар самти идоранамоии хатари молиявӣ ба идоранамоии хатари тағйирёбии бозор равона шудааст. Дар ҳолати тағйирёбии фаврии манфии нарх дар бозори коғазҳои қимматнок, Роҳбарият метавонад ба чунин усулҳо ба монанди фуруши сармоя, тағйирдиҳии таркиби сандуқи сармоя, инчунин дигар усулҳои муҳофизат рӯй оварад.

Мутобиқан тағйирёбии тахминҳо метавонад ба ӯҳдадориҳо таъсир нарасонад ва ба дороиҳое, ки дар тавозун аз рӯи нархи бозорӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд, ба таври ҷиддӣ таъсир расонад. Дар ин вазъият усулҳои гуногуни баҳогузории дороиҳо ва ӯҳдадориҳо метавонанд ба тағйирёбии ҷиддии бузургии воситаҳои шахсӣ гардад.

Маҳдудиятҳои дигаре, ки дар таҳлили болозикри ҳассосӣ оварда шудаанд, истифоданамоии ҳаракатҳои фарзиро дар бозор бо мақсади ошкорнамоии хавфи эҳтимолӣ, ки танҳо пешгӯии Фондро дар бораи тағйироти дар пешистодаи бозор ифода менамоянд, ки онро дар ягон сатҳи боварӣ пешгуӣ намудан имконнопазир аст.

## 27.4 ХАВФИ ПАРДОХТПАЗИРӢ

Хавфи пардохтпазирӣ, ин хавфест алоқаманд ба он, ки Фонд ӯҳдадориҳои худро ҳангоми расидани мӯҳлати иҷрояшон, дар шароитҳои муқаррарӣ ё ғайричашмдошт, наметавонад иҷро кунад. Бо мақсади маҳдуд кардани ин хавф, Роҳбарият дастрасии ҳар гуна манбаҳои маблағгузориро таъмин намудааст. Ҳамчунин, Роҳбарият идоракунии дороиҳоро аз тариқи ба ҳисоб гирифтани мувозинати дороиҳою ӯҳдадориҳо ва аз рӯи мӯҳлату ҳаҷмашон ба роҳ мондааст ва ин амалро дар алоқамандӣ бо гузаронидани мониторинги ҳаррӯзаи бозгаштҳо, талаботи оянда ва пардохти ӯҳдадориҳо, анҷом медиҳад.

Масъалаи идоракунии пардохтпазирии Фонд ва дурнамои он, ҷудокунии дороиҳои пардохтпазирро ба дороиҳои пардохтпазири навбати якӯм ва дуюм пешбинӣ мекунад. Чунин ҷудокунии дороиҳои пардохтпазир, аз фаҳмиши зарурати эҳтимолии кори Фонд дар реҷаи экстремалӣ, дар ҳолати таъсири ногувори як ё якчанд хавфи омилҳо, бармеояд. Дороиҳои пардохтпазири навбати дуюм - ин сармоягузориҳои даромадовар ҳастанд, ки дар ҳолати зарурат онҳоро метавон таъҷилан ба воситаҳои пулӣ, барои таъмин намудани пардохтпазирии иловагии Фонд гузаронад. Аслан онҳо захираи дороиҳои пардохтпазир мебошанд. Фонд пардохтпазириро аз нуқтаи назари иҷрои меъёрҳои пардохтпазирӣ баҳо медиҳад, ки аз ҷониби БМТ муқаррар гардидааст.

*Таҳлили ӯҳдадориҳои молиявӣ аз рӯи муддатҳое, ки то пардохт боқӣ мондаанд*

Ӯҳдадориҳое, ки бо талаби аввал бояд пардохт гарданд, зайле баррасӣ мешавад, ки талаби пардохт дар санаи барвақттарини имконпазир пешниҳод шуда бошад. Лек аз ҷониби Фонд интизор меравад, ки бисёр мизоҷон пардохтро дар санаи барвақттарин, ки дар ҳамин сана Фонд ӯҳдадор аст пардохти дахлдорро анҷом бидиҳад, талаб намекунанд, бинобар, ҷадвал ҷараёни пулҳои меомадаро инъикос намекунад, ки аз ҷониби Фонд дар асоси маълумот дар бораи пасандозҳо барои давраҳои гузашта ба ҳисоб гирифта шудааст.

## 27.5 ХАВФИ АМАЛИЁТӢ

Хавфи амалиётӣ - хавфест, ки дар натиҷаи аз кор баромадани низоми компютерӣ, хатогиҳои кормандон, фиребгарӣ ё рӯйдодҳои беруна ба вуқӯъ меояд. Вақте ки низоми назорат дигар амал намекунад, хавфи амалиётӣ ба нуфузу эътибори Фонд метавон халал расонад,

оқибатҳои ҳуқуқӣ дошта бошад ё ба зарарҳои молиявӣ орад. Фонд қудрати бартараф намудани ҳама хавфҳои амалиётиро надорад, лекин ба воситаи низоми назорат, ҳамчунин бо қабул кардани амалҳои ҷавобии дахлдор нисбати хавфи эҳтимолӣ ва пайгирӣ намудани онҳо, Фонд чунин хавфҳоро идора мекунад. Низоми назоратбарӣ, тақсимоти босамари ӯҳдадориҳо, ҳуқуқи дастрасӣ, тартиботи тасдиқкунӣ ва муқоисакунӣ, таълимдиҳии кормандон, ҳамчунин тартиботи баҳодиҳӣ, аз ҷумла аудити дохилиро пешбинӣ намудааст.

## 28) КИФОЯТИИ САРМОЯ

Барои пӯшонидани хавфҳое, ки ба тиҷорати Фонд алоқамандӣ доранд, Фонд фаъолона идоракунии маблағҳои худро ба роҳ мондааст. Кифоягии сармояи Фонд, дар қатори дигар унсурҳо, боз бо истифодаи коэффисиентҳо, ки созишномаи Базел доир ба сармоя дар соли 1988 муқаррар намудааст, ва ҳамчунин аз рӯи меъёрҳои БМТ, ки ҳангоми назорати Фонд қабул кардааст, назорат карда мешавад.

## 29) ҲОДИСАҲО ПАС АЗ САНАИ ҲИСОБОТӢ

27 сентябри соли 2019 Бонки миллии Тоҷикистон бо Фармони №121 Дастурамали №239 «Дар бораи талаботи сармоягузории ташкилотҳои қарзӣ ба сармояи дигар шахсони ҳуқуқӣ»-ро тасдиқ кард, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами №995 дар санаи 6 декабри соли 2019 ба қайд гирифтааст.

Тибқи ин дастурамал, барои ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд нигоҳдорӣ ва сармоягузорӣ ба саҳмияҳо (ҳиссаҳо), вомбаргҳое, ки ба саҳмияҳои конвертатсияшаванда барои шахсони ҳуқуқии дигар, аз ҷумла ба дигар ташкилотҳои қарзӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ манъ карда шудааст.

Дар давоми соли 2020, Роҳбарияти Фонд тасмим гирифт, ки саҳмияҳои корхонаи фаръии ТАҚХ “ИМОН”-ро фурӯшад.

Дар санаи 26 марти соли 2021 Фонд розӣ шуд, ки 43,55% саҳмияҳои ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ"-ро ба Фонди секюритизатсионӣ “ALTERNATIVE”, ки аз ҷониби Mikro Kapital Management S.A. идора карда мешавад, ба маблағи 45,760 ҳазор сомонӣ ва ба Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ба маблағи 15,253 ҳазор сомонӣ фурӯшад, ки дар маҷмӯъ 61,013 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, саҳмияҳои моликият дар байни Фонди секюритизатсионӣ “ALTERNATIVE" ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар ҳаҷми 75% ва 25%, мутаносибан, тақсим карда шудаанд.

Дар санаи баровардани ин ҳисоботи молиявӣ ягон ҳодисаи муҳим ё амалиёт рух надодааст, ки бояд мутобиқи СБҲМ 10 «Ҳодисаҳо пас аз давраи ҳисоботӣ» ошкор карда шавад.

## 30) ТАСДИҚКУНИИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби Роҳбарияти Фонд тасдиқ шудааст ва 23 апрели соли 2021 барои барориш иҷозат дода шудааст.